*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

**№14 (12447)**
**4 апрели соли 2024**

**НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** **www.omuzgor-gazeta.tj**

**КАЛОМИ ПЕШВО**



# Наврӯз ҷашни бузурги тоҷикон аст

***Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими баргузории карнавали наврӯзии «Корвони шодӣ» дар шаҳри Душанбе***

**25.03.2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Муҳтарам сокинони пойтахт, меҳмонон ва ширкаткунандагони ҳамоиши наврӯзӣ!

Ҳамаи шумо ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистонро бори дигар ба муносибати куҳантарин ва бузургтарин ҷашни миллиамон – Наврӯз, ҷашни баҳор ва эҳёи табиат самимона табрик гуфта, ба шумо саломативу сарсабзии баҳорӣ ва ба Ватани маҳбубамон суботу пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

Наврӯз аз ҷумлаи бузургтарин ва маҳбубтарин ҷашнҳои тоҷикон мебошад, ки аз даврони бостон ҳамчун мероси пурарзиши ниёгони некномамон то замони мо расидааст.

Мувофиқи асотире, ки дар миёни гузаштагони мо маъруф будааст, нахустин шоҳи олам Каюмарс, ки тавсифи подшоҳии ӯ дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ омадааст, дар ин рӯз ба тахти шоҳӣ нишастааст.

Дар «Шоҳнома»-и безавол, ҳамчунин, бунёд гузоштани Наврӯз ва муайян намудани сари соли нав ба шоҳ Ҷамшеди пешдодӣ нисбат дода шудааст, ки ба ин хотир, ин ҷашнро чун Наврӯзи ҷамшедӣ низ ёд мекунанд.

Ба ин маънӣ, Наврӯз ҳамчун оғози ҳамаи шукуфтанҳо, сарсабзиҳо ва эҳёи дигарбораи замину замон бо таърихи бостонӣ ва фарҳангу адабиёти оламшумули миллати тоҷик пайванди ҷудоинопазир дорад.

Аз сарчашмаҳои муътамад бармеояд, ки ҷашни Наврӯз дар заминаи андешаҳои амиқу пурвусъат ва ҷаҳонбиние бунёд шудааст, ки сабаби пойдории ҳувияту ҳастии мардуми мо, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллиамон то ба имрӯз гардидаанд.

Маҳз ҳамин афкору андеша ва ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии Наврӯз ва дигар силсилаҷашнҳои ориёӣ, аз қабили Сада, Тиргон ва Меҳргон бо гузашти асрҳо ба ҷузъи муҳимми худшиносии миллии тоҷикон табдил ёфтаанд.

Наврӯз ҷашни сирф табиӣ, рамзи бедории табиат, пайванди ногусастаниву ҷовидонаи инсон бо табиат ва пайки шодиву сурури хурду бузурги мардум мебошад.

Бинобар ин, мо онро ҳамчун мероси пурғановати фарҳангиамон нафақат таҷлил менамоем, балки барои омӯхтану барқарор кардани ойину русуми азбайнрафтаи он талош мекунем.

Боиси ифтихор аст, ки Наврӯз – калимаи асили тоҷикӣ, яъне «рӯзи нав» ҳоло барои миллионҳо аҳолии сайёра ҳамчун рӯзи ҷашни фархунда вирди забон аст.

Халқу миллатҳои зиёди дунё ин ҷашнро қабул намуда, онро бо анъанаҳои хоссаи худ таҷлил мекунанд.

Яъне Наврӯз ба як омили муҳимтарини паҳншавии фарҳангу тамаддуни куҳанбунёди тоҷикон дар олам табдил ёфтааст.

Наврӯз – рӯзи падид омадани равшанӣ, ғалабаи некӣ бар бадӣ, аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ва бахшидани гуноҳи ҳамдигар, рӯзи меҳрубониву хушбахтӣ, рӯзи таваллуди дубораи табиату инсонҳо, поёни сардиҳо ва оғози фаровонӣ мебошад.

Маросиму ойинҳои ҷуфтбаророн, хонабаророн ё хонасафедкунӣ, оташафрӯзон, гулгардонӣ, суманакпазӣ, навозиши сари ятимону бепарасторон ва дигар амалҳои хайр аз суннатҳои неки наврӯзӣ буда, аксари онҳо то имрӯз дар кишвари мо ба таври васеъ роиҷанд.

Ташкилу баргузории ҳар гуна чорабиниҳои варзишӣ, аз ҷумла, аспдавонӣ, гӯштингирӣ, инчунин, шеърхонӣ, ба бар кардани либосҳои миллӣ ва намоиши онҳо, омода намудани таомҳои миллӣ аз гиёҳу растаниҳои баҳорӣ аз оинҳое мебошанд, ки мардуми мо онҳоро дар рӯзҳои наврӯзӣ бо шавқу завқи зиёд анҷом медиҳанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Мехоҳам як нуктаи муҳимро таъкид намоям, ки ҷашни Наврӯз ва истиқлолу озодӣ – ин ду мафҳуми барои ҳар яки мо азизу муқаддас – дар таърихи навини тоҷикон бо ҳамдигар пайванди амиқ пайдо кардаанд, зеро Наврӯз ҳамчун шиносномаи таъриху фарҳанги миллии мардуми куҳанбунёду тамаддунсози тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Аз ҷониби дигар, маҳз неъмати соҳибистиқлолӣ имкон фароҳам овард, ки Наврӯз бо ин ҳама шукӯҳу шаҳомат ва расму ойинҳои неку созандааш дар сарзамини мо дигарбора эҳё ва таҷлил гардад.

Бинобар ин, ҳар яки моро зарур аст, ки бо истифода аз суннату анъанаҳои неки миллиамон ба хотири шукуфоиву рушди кишвари азизамон ва таҳкими дастовардҳои даврони Истиқлоли давлатӣ минбаъд низ талош намоем ва тамоми имконияту неруи худро ба бунёдкориву созандагии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон равона созем.

Ҷашнҳои миллӣ, забони модарӣ, таърих ва фарҳангу тамаддуни бостонии худро гиромӣ дорем, онҳоро чун азизтарин сарвати миллӣ ҳифз кунем ва дар шароити ниҳоят мураккабу бӯҳронии ҷаҳони муосир неъмати бузургтарини зиндагиамон – истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ҳимоя намоем.

Ҳамзамон бо ин, таҷлили ҷашнҳои аҷдодӣ, аз ҷумла Наврӯзро бо дарназардошти талаботи даврони истиқлол роҳандозӣ намоем, онҳоро ҳамқадами замони муосир созем, ки яке аз онҳо ҳамоиши наврӯзии имрӯза мебошад.

Ҳар яки мо вазифадорем, ки дар айёми наврӯзӣ ва рӯзҳои дигар низ барои ободу зебо ва тозаву озода гардониданду ба «кишвари сабз» табдил додани Ватани маҳбубамон саҳми арзишманди худро гузорем.

Чунонки ҳамватанони азизи мо дар ёд доранд, 9-уми март дар мулоқот бо намояндагони ҷомеа ва ходимони дин вазъи нооромӣ ҷаҳони имрӯза, таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз ҷумла, торафт густариш ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ ва сабабу омилҳои ба онҳо мусоидаткунандаро муфассал таҳлил намуда, вазифаҳои ҳар як шаҳрвандро дар чунин шароити мураккаб таъкид карда будам.

Хусусан, ҳодисаи нангину даҳшатноки дар наздикии шаҳри Москва рухдода ҳар яки мо, махсусан, падару модаронро бори дигар ҳушдор медиҳад, ки ба тарбияи фарзандон эътибори боз ҳам ҷиддӣ диҳанд.

Такроран таъкид менамоям, ки мо бояд наврасону ҷавононро аз таъсири чунин гурӯҳу ҳаракатҳои харобкору даҳшатафкан эмин нигоҳ дорем ва нагузорем, ки фарзандони мо ба номи неки миллати тоҷик, давлати соҳибихтиёри тоҷикон ва падару модари худ иснод оваранд.

Мардуми мо аз замонҳои қадим Наврӯз, яъне ҷашни сари солро, пеш аз ҳама, бо дилу нияти нек, яъне бо ботини тоза, сипас, бо зоҳири ороста, яъне сарулибоси тозаву озода истиқбол мегирифтанд ва ҳамеша умед доштанд, ки қадами соли нав бо файзу баракат шавад.

Хушбахтона, ин русуми хуби наврӯзӣ ҳоло дар кишвари биҳиштосои мо ривоҷи тоза пайдо кардаанд.

Мо бояд пайваста кӯшиш намоем, ки хонаву кошона, маҳалли зист ва ҷойи кори худро ҳамеша ороставу зебо нигоҳ дорем, зебоипарастӣ, озодагиву тозакорӣ ва ободониро ба одати доимии хурду бузурги мамлакат табдил диҳем, то ин ки тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони азизи мо дар ҳамаи фаслҳои сол ба наврӯзгоҳи ҳақиқӣ табдил ёбад ва ҳар рӯзи Тоҷикистон мисли Наврӯз бошад.

Бо чунин ниятҳои неки наврӯзӣ бори дигар ҳамаи сокинони шарафманди пойтахт, тамоми ҳамватанони азиз дар дохили кишвар ва берун аз он, меҳмонони гиромӣ, мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз, инчунин, ширкаткунандагони ҳамоиши имрӯзаи наврӯзиро ба ифтихори Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ ва ҷашни баҳору сарсабзии сарзамини биҳиштосоямон самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар яки шумо бахту иқболи баланду сарсабзӣ ва барои Тоҷикистони маҳбубамон – сарзамини зебоӣ, баҳор ва Наврӯз – сулҳу оромӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ ва ваҳдати ҷовидонӣ орзу менамоям.

Бигзор Наврӯз бо қадамҳои мубораки худ ба Тоҷикистони азизи мо, ки ватани наврӯз мебошад, барои имсолу солҳои дигар сарсабзиву хуррамӣ, ободиву пешрафт, таҳкими минбаъдаи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва болоравии боз ҳам бештари обруи кишвари маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ ба армуғон оварад!

Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ муборак, ҳамватанони азиз!

**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**
**Наврӯзатон пирӯз бод!**

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

**Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj** **Телефон барои тамос: 227-81-55**

# Наврӯз ҷашни бузурги тоҷикон аст

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

**Ҳозирини муҳтарам!**

Пеш аз ҳама, мехостам аз номи ҳамаи шумо, аз номи кулли мардуми Тоҷикистон ва аз номи худ ба ҳамаи иштироккунандагони ин ҳамоиш, ба ҳамаи ҳунармандон, коргардонҳо ва ба ҳамаи онҳое, ки барои омода кардани чунин як ҳамоиши ҳам куҳану ҳам ҳозиразамон ва бисёр зебо доир ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни наврӯзӣ минатдории самимии худро баён намоям.

Аҳсан! Аҳсан! Офарин!

Офарин ва аҳсан!

Саломат бошед, хеле заҳмат кашидед.

Фарқи наврӯзи имрӯза аз наврӯзҳои гузашта – аз замин то осмон.

Иншооллоҳ, мо кӯшиш мекунем, ки наврӯзи оянда аз ин ҳам хубтару беҳтар бошад.

Мо бояд ҳамаи анъанаҳои қадимаи наврӯзиро омӯзем ва эҳё кунем.

**Ҳамватанони азиз!**

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар ин ҳамоиш аксарият ҷавонон иштирок доред. Ман ба ҷавонони мамлакат муроҷиат мекунам. Ман ба падару модарони муҳтарам муроҷиат мекунам: Ин Ватан – ин сарзамини биҳиштосо Ватани мову шумо аст, Ватани аҷдоди мову шумо аст. Миллати тоҷик таъриху тамаддуни беш аз 6000-сола дорад.



Тоҷикистон дар асл ватани Наврӯз аст. Мо шаш сол кӯшиш кардем дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ, бо созмонҳои бонуфузи фарҳангии ҷаҳонӣ кор кардем, оқибат бо Созмони Милали Муттаҳид Наврӯзро ба сатҳи байналмилалӣ расонидем. Акнун ин тарафаш дар дасти шумост.

Ҷавонони имрӯза, падарони муҳтарам, модарони азиз, шароит муҳайё кунед ба насли нав, ба наврасон, ба кӯдакон, ба наврасону ҷавонон шароит ва имконият диҳед, ки хонанд, илм омӯзанд, касб омӯзанд, ҳунар омӯзанд, ки оянда ин Ватани биҳиштосоро соҳибӣ карда тавонанд.

Бо хурофот мо ягон қадам пеш намеравем. Хурофот ба торикӣ мебарад, ба бадбахтӣ мебарад, на ба чизи дигар.

Ҷавонони азизи мамлакат! Ҳама чиз дар дасти шумост.

Ин Ватан, пеш аз ҳама, Ватани наврасону ҷавонони имрӯза аст.

Ҳар кори неке, ки мо – калонсолон мекунем, барои шумо – насли ҷавони имрӯза мекунем. Ин Ватанро мо ба шумо мерос мегузорем.

Муроҷиатҳои чандинкаратаи ман ба шумо чунин маънӣ доранд, ки ҳадафи мо аз эҳё кардани Наврӯз як хурсандӣ кардан нест. Шумо бинед, ки Наврӯз чӣ аст? Сари сол, пеш аз ҳама, тозагӣ. Яъне бинед, бузургони гузаштаи мову шумо 6000 сол пеш барои мову шумо фикр карда, дар чор фасли сол чор ҷашнро эҷод кардаанд.Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон барои мову шумо. Дигар чӣ аст Наврӯз? Як хурсандӣ кардану доира задан не. Қалбҳоро пок кардан даркор, ботинро пок карданамон даркор, гуноҳи якдигарро бахшиданамон даркор. Хонаву кошона, кӯчаву раста ва шаҳру ватанамонро тозаву озода карданамон даркор. Ана ҳамин аст маънии таъриху тамаддун ва фарҳанги 6000-солаи Наврӯз.

Тозакорӣ, озодакорӣ, зебоипарастӣ, барои ҳамин ҳам дар рӯзи наврӯз, бинед, чӣ қадар хурсандӣ.

Дар хуну вуҷуди мову шумо аст ин ҷашн, ки ин қадар монеаҳо эҷод карданд барои пеши роҳи ҷашни Наврӯзро гирифтан, вале бинед, ки баъди 6000 сол чӣ гуна ҷӯш зада, эҳё гардид. Ин танҳо бо ташвиқоти як Президент намешавад. Ин дар хуну вуҷуди ҳастии миллати тоҷик аст, дар хуну вуҷуди мардуми ориёитабор ҳаст.

Яъне тоза кардан, озода кардан, зебоипарастӣ, бунёд кардан, некӣ кардан, сари сол ҳама кинаву адоватро аз дилҳо берун кардан даркор, ки аз саршавии сол Худо кунад, ки соли бофайз шавад, бобаракат шавад, амонӣ бошад, тинҷиву хушбахтӣ бошад.

Имрӯз 25-ум аст. Таърихан Наврӯз 12 рӯз ҷашн гирифта мешавад. Ҳар як рӯзаш як мақому таъиноти худашро дорад.

Мо бояд ҳам кор кунем, заҳмат кашем, ҳам ҷашн гирем ва ҳам хурсандӣ кунем. Дар ҳар як оила хурсандӣ бошад, ин аст орзуи ман.

Аз Худои таоло орзуи ман ин аст, ки хурсандии ҷовидонаро мисли ана ҳамин Наврӯзи Аҷам насиби мардуми Тоҷикистон гардонад ва ҳар рӯзи мардуми мо Наврӯз бошад.

**Ҳар рӯзатон Наврӯз бошад!**

**Ҳар рӯзатон Наврӯз бошад!**

Худои таоло ҳарчи орзуву омоле, ки дар дилу ниятатон ҳаст, ҳамонро насибатон гардонад. Хушбахт бошед!

Натарсед, наҳаросед, мо рӯзҳои сахту сангинро паси сар кардем. Мо ин Ватанро обод карда истодаем, боз бунёд мекунем, месозем ва ба наслҳои оянда як мулки обод мерос мегузорем.

Мо бояд сидқан, фақат бо забон не, сидқан Ватанамонро дӯст дорем. Забону фарҳанги худро, анъанаҳои миллии худро дӯст дорем. Сару либосҳои миллии худро дӯст дорем.

Дӯстони азиз, модарону хоҳарони меҳрубон, бинед, чӣ хел рангоранг, чӣ қадар зебоянд либосҳои миллии мо.

Бе ҳамин ҳам мардуми ориёитабор, мо – тоҷикон мардуми зебо ҳастем.

Лекин либосҳои миллӣ моро боз ҳам зеботар мекунанд.

Бас кунед бегонапарастиро!

Бас кунед бегонапарастиро!

Мо худамон ҳама чиз дорем, фақат дар чорчубаи қонун кору зиндагиву фаъолият карданамон даркор.

Бори дигар аз самими қалб ҳамаи шуморо табрик мегӯям.

Ман медонам, моҳи шарифи Рамазон аст.

Мо ҳама дар моҳи шарифи Рамазон, шукрона, рӯзадорӣ мекунем, ҳам Наврӯзро ҷашн мегирем, ҳам заҳмат мекашем ва Ватанамонро боз ҳам ободу зебо мекунем.

Ман медонам, ман ҳис карда истодаам, худи ман ҳам дар ҳамин ҳолат ҳастам, вале ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода набошед.

Ҳаёт, зиндагӣ, давлатдорӣ ҳамин будааст! Фақат дар ҳеҷ ҳолат рӯҳафтода нашавед!

Ба шумо, ба кулли мардуми Тоҷикистон тинҷиву амонӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва ризоияти комил ва бахту саодат мехоҳам.

Бори дигар Наврӯзатон муборак бошад, ҳамватанони азиз!

Як ҷаҳон ташаккур ба ҳамаи шумо барои заҳматҳои кашидаатон ва ин маҳфили бисёр зебо, ки имрӯз баргузор кардед!

Ба роҳбарияти ҳукумати шаҳр, ба тамоми сохтору мақомоте, ки дар ин ҷо заҳмат кашиданд, ташаккур!

**Саломат бошед!**

**Хушбахт бошед!**

ЭҲТИРОМ

# Тандиси бирнҷии чеҳраи Пешвои миллат



25 март Сайид Умари Маъсум – ҳунарманди волосалиқа ва ҳайкалтароши маъруфи тоҷик, ки дар Олмон кору сукунат дорад, ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз маҳсулҳои ҳунари волои худ – тандиси биринҷии чеҳраи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шахсан тақдим намуд.

Ин ҳунарманди хушсалиқаи тоҷик, ки солиёни дароз дар Олмон ва дигар кишварҳои аврупоӣ кору зиндагӣ мекунад, бо нимпайкара, ҳайкали комил ва тандису дигар ҳунарҳои зебои худ симои бисёре аз сиёсатмадорон ва шахсиятҳои маъруфи ҷаҳонро таҷассум намуда, чанде пеш бо ташаббусу ибтикори шахсии хеш тасмим гирифтааст, ки симои Пешвои миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро офарида, шахсан тақдим намояд.

Тавре ки Сайид Умари Маъсум худ баён медорад, солҳои зиёд ӯ орзу доштааст, ки бо ҳунари волояш ба Тоҷикистону мардуми фарҳангсолори тоҷик хизмат намояд ва зимни суҳбат бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои кору эҷод дар Тоҷикистон гуфтугӯ карда, ба оғози ҳамкорӣ изҳори омодагӣ намуданд.

ҲАМОИШ

# Ҷаласаи кории вазир дар шаҳри Ваҳдат

2-юми апрели соли 2024 дар маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ҷаласаи кории вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо аҳли маорифи шаҳри Ваҳдат баргузор гардид. Дар ҷаласа раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори Вазорати маориф ва илм, директорон ва муовинони директорони муассисаҳои таълимии шаҳри Ваҳдат, раисони кумитаҳои падару модарони муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷамоатчигӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласа аз ҷониби вазири маориф ва илм ва раиси шаҳри Ваҳдат масъалаҳои иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ҳифзи манфиатҳои соҳа, пешгирии гаравидани хонандагону омӯзгорон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун, роҳ надодан ба низоъҳои дохилимактабӣ миёни хонандагон, беҳтар намудани фаъолияти кумитаҳои падару модарон, риояи истифодаи либоси тавсиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ, бо худ овардани китобҳои дарсӣ ҳангоми дарс аз ҷониби хонандагон, истифодаи самаранoки китобҳои дарсӣ ва маводи таълим, пардохти ғайринақдии маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ, баланд бардоштани саводи расонаии хонандагону омӯзгорон, пешгирии ҷалби омӯзгорон ба кору фаъолиятҳои беруназмактабӣ, иштироки фаъоли хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ, иштироки хонандагону омӯзгорон дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», тарбияи ватандӯстии хонандагон, пешгирии гаравидани хонандагон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун, роҳ надодан ба андешаҳои хурофотӣ, пешгирии таълимоти ғайрирасмии динӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ боомӯзгорони варзида, риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» вобаста ба уҳдадориҳо дар мавриди таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, фарогирии бештари хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ, омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ аз ҷониби хонандагон ва омӯзгорон, сохтмону азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти фаннӣ, таъмини муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ бо мизу курсӣ, бақайдгирии довталабон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи сарфакоронаи обу барқ дар муассисаҳои таълимӣ ва манзилҳои зист, муайян намудани муассисаҳое, ки хатмкунандагонашон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил нагардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар охир вазири маориф ва илм ба масъулин ҷиҳати ислоҳи сариваҳтии камбудиҳо ва беҳтар намудани фаъолияти минбаъда дастуру супоришҳои мушаххас дод.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Нақшаи даъвати ҳарбӣ дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон дар рӯзи аввал пурра иҷро шуд.**

ТАҶЛИЛ

# «Корвони шодӣ» - шукӯҳафзои Наврӯз

25 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маҷмааи Майдони "Истиқлол"-и шаҳри Душанбе дар тантанаҳои ҳамоиши наврӯзии - "Корвони шодӣ" иштирок карданд.

Макони баргузории "Корвони шодӣ" бо шиорҳо дар васфи Наврӯз ва рамзи хоси Наврӯзи байналмилалӣ оро ёфта буд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди ҷамъомадагони сершумори барномаи фарҳангии бошукӯҳи наврӯзӣ суханронӣ карда, иштирокдорони чорабинӣ, кулли мардуми шарафманди Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро бо ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ табрик намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Наврӯз аз ҷумлаи бузургтарин ва маҳбубтарин ҷашнҳои тоҷикон мебошад, ки аз даврони бостон ҳамчун мероси пурарзиши ниёгони некномамон то замони мо расидааст.

Таъкид гардид, ки дар "Шоҳнома"-и безавол, бунёд гузоштани Наврӯз ва муайян намудани сари соли нав ба шоҳ Ҷамшеди пешдодӣ нисбат дода шудааст, ки ба ин хотир, ин ҷашнро чун Наврӯзи ҷамшедӣ низ ёд мекунанд.

"Ба ин маънӣ, Наврӯз ҳамчун оғози ҳамаи шукуфтанҳо, сарсабзиҳо ва эҳёи дигарбораи замину замон бо таърихи бостонӣ ва фарҳангу адабиёти оламшумули миллати тоҷик пайванди ҷудоинопазир дорад", - иброз доштанд Сарвари давлат.

Зикр гардид, ки Наврӯз ҷашни сирф табиӣ, рамзи бедории табиат, пайванди ногусастаниву ҷовидонаи инсон бо табиат ва пайки шодиву сурури хурду бузурги мардум мебошад.

Пешвои миллат таъкид доштанд, ки мо наврӯзро ҳамчун мероси пурғановати фарҳангиамон нафақат таҷлил менамоем, балки барои омӯхтану барқарор кардани ойину русуми азбайнрафтаи он талош мекунем.

Боиси ифтихор аст, ки Наврӯз - калимаи асили тоҷикӣ, яъне "рӯзи нав" ҳоло барои миллионҳо аҳолии сайёра ҳамчун рӯзи ҷашни фархунда вирди забон аст. Халқу миллатҳои зиёди дунё ин ҷашнро қабул намуда, онро бо анъанаҳои хоссаи худ таҷлил мекунанд.

Яъне Наврӯз ба як омили муҳимтарини паҳншавии фарҳангу тамаддуни куҳанбунёди тоҷикон дар олам табдил ёфтааст. Наврӯз - рӯзи падид омадани равшанӣ, ғалабаи некӣ бар бадӣ, аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ва бахшидани гуноҳи ҳамдигар, рӯзи меҳрубониву хушбахтӣ, рӯзи бедоршавии табиат, поёни сардиҳо ва оғози фаровонӣ мебошад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҷашни Наврӯз ва истиқлолу озодӣ - ин ду мафҳуми барои ҳар яки мо азизу муқаддас дар таърихи навини тоҷикон бо ҳамдигар пайванди амиқ пайдо кардаанд, зеро Наврӯз ҳамчун шиносномаи таъриху фарҳанги миллии мардуми куҳанбунёду тамаддунсоз тоҷиконро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Пешвои миллат зарур шумурданд, ки бо истифода аз суннату анъанаҳои неки миллиамон ба хотири шукуфоиву рушди кишвари азизамон ва таҳкими дастовардҳои даврони истиқлоли давлатӣ минбаъд низ талош намоем ва тамоми имконияту неруи худро ба бунёдкориву созандагии Ватани маҳбубамон - Тоҷикистон равона созем.

"Мо бояд ҷашнҳои миллӣ, забони модарӣ, таърих ва фарҳангу тамаддуни бостонии худро гиромӣ дорем, онҳоро чун азизтарин сарвати миллӣ ҳифз кунем ва дар шароити ниҳоят мураккабу буҳронии ҷаҳони муосир неъмати бузургтарини зиндагиамон - истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ҳимоя намоем", таъкид доштанд Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти мамлакат мардуми кишварро ба он ҳидоят карданд, ки пайваста хонаву кошона, маҳалли зист ва ҷойи кори худро ҳамеша ороставу зебо нигоҳ доранд, зебоипарастӣ, озодагиву тозакорӣ ва ободониро ба одати доимии хурду бузурги кишвар табдил диҳанд, то ин ки тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони азизи мо дар ҳамаи фаслҳои сол ба наврӯзгоҳи ҳақиқӣ табдил ёбад ва ҳар рӯзи Тоҷикистон мисли Наврӯз бошад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз вазъи ноороми ҷаҳони имрӯза, таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз ҷумла, торафт густариш ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ ва сабабу омилҳои ба онҳо мусоидаткунанда ёдовар шуданд.



Зикр гардид, ки хусусан, ҳодисаи нангину даҳшатноки дар наздикии шаҳри Москва рухдода ҳар яки мо, махсусан, падару модаронро бори дигар ҳушдор медиҳад, ки ба тарбияи фарзандон эътибори боз ҳам ҷиддӣ диҳем.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки мо бояд наврасону ҷавононро аз таъсири чунин гурӯҳу ҳаракатҳои харобкору даҳшатафкан эмин нигоҳ дорем ва нагузорем, ки фарзандони мо ба номи неки миллати тоҷик, давлати соҳибихтиёри тоҷикон ва падару модари худ иснод оваранд.

Пас аз суханронии табрикии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи идона оғоз гардид.

Мақсади асосии таҷлили бошукӯҳу ҳадафманди Наврӯз дар соли равон бо ҳамоиши наврӯзии "Корвони шодӣ" гиромидошти шоистаи муқаддасот, суннату анъана ва фарҳангу тамаддуни бостонӣ ва муосири миллати тоҷик мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар майдони "Истиқлол" пеш аз оғози бахшҳои идона иқтибосҳо аз суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Иди байналмилалии Наврӯз қироат карда шуд.

"Корвони шодӣ" дар маҷмӯъ аз 20 қисм - оғозу анҷом ва 18 бахши мухталифи фарҳангию фароғатӣ, аз ҷумла, "Парандаҳои муждарасон", "Омадани Баҳор", "Гулбоғи Ватан", "Дунёи кишоварз", "Дастархони наврӯзӣ", "Бозиҳои наврӯзӣ", "Дунёи ҷавонӣ", "Тиргон", "Меҳргон", "Сада", "Оташ", "Суманак", "Базми идона", "Шаш ранги Ватан" ва ғайра иборат буд, ки ҳар яке дорои маънои хос ва таҷассумкунандаи рамзҳои ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ мебошад.

Дар "Корвони шодӣ", дар маҷмуъ, зиёда аз 11 ҳазор нафар иштирок карда, тавонистанд бо ташкили бахшҳои мухталиф ҳамаи анъанаҳои ҷашни бостонии миллати куҳантамаддуни тоҷикро намоиш диҳанд.

Бахши оғози ҳамоиши наврӯзии "Корвони шодӣ" аз ниёиши ниёгон маншаъ гирифта, дар фазо Хуршед пайдо мешавад ва паёми худро, ки ифодакунандаи ҷашни Наврӯз мебошад, ба 12 бурҷи осмонӣ, чаҳор унсури ҳаёт ва чаҳор фасли сол мерасонад. Тахти нурпошии Хуршед антураж ва ҳунармандони касбӣ торҳои нур замину олами афсонавиро эҳё намуда, онро мунаввар месозанд ва дар ин замина Қаҳрамони Наврӯз пайдо шуда, мардумро ба суруру рақс даъват менамояд.

Бахши дигари ин барномаи бошукӯҳро "Парандаҳои муждарасон" ташкил дод, ки аз таърихи бостонӣ доштани Наврӯз шаҳодат медиҳад.

Дар ин қисми "Корвони шодӣ" расму суннатҳои хоси баҳорона, хусусан дар осмон пайдо шудани селаи парандагон - турнаҳо, парастуҳо, шоҳпаракҳо, ки аз омадани баҳор мужда мерасонанд, хеле ҷолибу диданӣ ва дилкашу дилрабо таҷассум гардид.

"Омадани Баҳор" бахши дигари барномаи наврӯзӣ буда, дар он 12 нафар карнайнавозон Маликаи Баҳорро ба рӯи тахт даъват мекунанд.

Тахти равони Баҳор ба дарозии 20 метру паҳноии 6 ва баландии 5 метр рамзи Баҳори Тоҷикистон ва замини эҳёгаштаи гулафшонро ифода карда, дар болои он 18 нафар гулдухтарон дар сурати гулҳои лола ҳунарнамоӣ мекунанд.

Саҳна лаҳза ба лаҳза таҷдид гардида, дар он маросимҳои идона бо қаҳрамонони нав ба нав бо накшҳои ҷолибу ҷаззоб вориди ҷашнгоҳ мешаванд.

Бахши "Дунёи кишоварз" ҳам инъикосгари суннатҳои неки наврӯзӣ буда, дар майдон Баҳор ва Наврӯз марди деҳқонро бо ҷуфти гову юғу испори бутафорӣ истиқбол мегиранд. Баҳор халтачаи гандумро ба кишоварз тақдим мекунад ва марди деҳқон ба оғози кишт ибтидо мегузорад. Дар фазои оғози кишт деҳқон ба рақс медарояд ва тавассути таҷҳизоти электронии тасвир майдон бо дастурхонҳои идона табдил меёбад.

Дар бахши "Дастархони наврӯзӣ" ду хони наврӯзии бо ранги сафеду гулдӯзиҳои ранги зард, кабуд ва сабзи дорои накшҳои миллии ба андозаи 6 бар 12 метр ороста, анвои ғизову меваҳои ҳафтсин, ҳафтшин ва ҳафтмимро пешкаши бинандагон менамояд.

Албатта, ҷашни Наврӯзро бе бозиву ҳунарҳои мардумӣ тасаввур кардан аз имкон берун аст. Дар ин робита бахшҳои навбатии ҳамоиши наврӯзии "Корвони шодӣ" таҳти навои карнаю сурнай ва дафу чанг бо ҳунарнамоии қаҳрамонони афсонавӣ, лухтакҳо, масхарабозону дорбозҳо, аспакҳо ва ашагулон, ҳамзамон бозиҳои варзишӣ, ба шумули гӯштингирӣ, бандкашӣ ва хурӯсҷанг бахшида шуд.

Ҳунарнамоии овозхонҳои ҷавону соҳибистеъдоди жанри эстрадӣ ва халқӣ, ки бахшҳои минбаъдаи тантанаҳои ҷашниро ташкил доданд, ба чорабинӣ шукӯҳу шаҳомат ва ҷилои хосса бахшиданд.

Таҷассуми ҷашнҳои миллии "Тиргон", "Меҳргон" ва "Сада" бо истифодаи унсурҳои муосири тасвири электронӣ ҷанбаҳои алоҳидаи Ҷашни Наврӯзро ҳаматарафа инъикос ва пурра гардонид.

Қобили тазаккур аст, ки дар бахши "Сада" дар мониторҳои базмгоҳ суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид оид ба аҳамияти ҳифзи пиряхҳо намоиш дода шуд. Дар идомаи саҳнаи мазкур ба майдон платформаи калон бо чароғҳои равшанидиҳандаи гуногунранг ба сурати пирях, ки дар болояш тахти Озар-Худои оташ ва қаҳрамонони зимистона ҷойгир шудаанд, ворид мешавад. Тахт бо истифода аз оташҳои рушноидиҳанда ба оташи фурӯзон табдил меёбад ва тавассути оташ намоиши аловпарак, ки яке аз маросимҳои қадимаи ниёгони мо маҳсуб меёбад, ба риштаи инъикос кашида шуд.

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, суманак яке аз таомҳое ба шумор меравад, ки маҳз ба ҷашни Наврӯз мансуб аст. Ҷой додани маросими "Суманак" дар "Корвони шодӣ" худ шаҳодати эҳёву тарғиби хӯрокҳои миллӣ ва расму оинҳои мондагори мардумӣ мебошад.

Қисми муҳими ҳамоиши наврӯзии "Корвони шодӣ" - ро ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили сару либос ва таомҳои болаззати тоҷикӣ ташкил дод.

Ҳунармандон ва ҳаваскорон тавонистанд дар ин бахш бори дигар фарҳанги оламшумули миллати тоҷикро бо нишон додани намунаи сару либос ва таомҳои миллӣ ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Ба майдони базм тарҳи бузурги иборат аз асбобҳои зарбӣ дар ҳавои арғушти миллӣ ворид мешавад. Шаш платформаи пур аз асбоби дойра ва ашхоси таҷассумкунандаи унсурҳои 6 минтақаи кишвар фазоро боз ҳам рангинтар месозанд. Наврӯз бо задани дойра ба Офтоб нур мебахшад. Иштирокдорони базм бо либосҳои ифодакунандаи минтақаҳои гуногуни кишвар дар бахши "Шаш ранги Ватан" ҷашнгоҳро ба рамзи дӯстиву ҳамбастагии сокинони тамоми минтақаҳои кишвар табдил медиҳанд.

Бо ҳамин барномаи бошукӯҳи ҷашнии "Корвони шодӣ" ба анҷом расид.

Дар қисми "Анҷом"-и чорабинӣ дар мониторҳои базмгоҳ суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Иди байналмилалии Наврӯз пахш гардид.

Ҳамзамон, пас аз пайдоиши Наврӯз, саҳнаи майдони марказии ҷашнгоҳ ба суманаки наврӯзӣ табдил ёфта, аз майдони нур рамзи Офтоб, 12 бурҷи кайҳонӣ, чор унсури ҳаёт, чор фасли сол ва Баҳору Наврӯзи оламафрӯз дар ҳалқаи иштирокчиён пайдо шуда, суманак ба нашъунамо шурӯъ мекунад.

Мавриди зикр аст, ки суннатҳои неки наврӯзӣ, ки дар ҳама минтақаҳои кишвар ба онҳо арҷ гузошта мешаванд, дар ин чорабинӣ намоиш дода шуд.

Таҷассуми карнавалии бузургдошти Наврӯзи ҷаҳонӣ ва марҳилаҳои ташаккули таърихии он ба ҳайси сармояи маънавии миллати тоҷик ва оини баргузидаи башарият, тавассути васоити техникии муосир ва бо истифода аз конструксияҳо ва атрибутҳои бузургҳаҷми рамзӣ, оҳангу мусиқиҳои бостонию муосир, ривоёти устуравӣ, навъҳои гуногуни этнографияи мардумӣ, либосҳо ва антуражи рангоранг ба ҷашн шукӯҳи хосса бахшид.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ҳамаҷонибаи фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар ин давра як зумра расму оинҳои миллие, ки бо мурури замон ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буданд, эҳё гардиданд.

Баргузории ҳамоиши наврӯзии "Корвони шодӣ" дар кишвар идомаи мантиқии сиёсати фарҳангпарваронаи Сарвари давлат мебошад.

Дар шакли нав ва пурмуҳтаво баргузор кардани "Корвони шодӣ" дар пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе ба мардум ва меҳмонони ин ҳамоиши наврӯзӣ шодиву нишоти беандоза бахшид, ки сарчашмаи асосии он сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар саросари кишвар мебошад.

Дар охир Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи ҳозиринро бо фарорасии ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ табрик гуфта, ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва таҳиягарон, ҳунармандону ҳаваскорон барои дар сатҳи хеле баланду пурмуҳтаво барпо намудани ҳамоиши наврӯзии "Корвони шодӣ" арзи сипос карданд.

Барномаи бошукуҳи "Корвони шодӣ" бо оташфаввораҳои рангин ҳусни анҷом ёфт.

***www.president.tj***

**Дар ноҳияи Муъминобод нақшаи даъвати баҳорӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар рӯзи аввал 100 фоиз иҷро гардид.**

*Одам бояд ҳам ба чеҳра, ҳам ба либос ва ҳам ба андеша зебо бошад.* *Антон Чехов*

«Омӯзгор» №14, 4 апрели соли 2024

ВАЗОРАТ ВА НАЗОРАТ

# Сифати таҳсилот боз ҳам тақвият меҳоҳад



28-уми марти соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илм таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он аъзои ҳайати мушовара, муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, директорони муассисаҳои типи нав ва дигар шахсони масъул тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ ширкат намуданд.

Сараввал вазири маориф ва илм ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа ва масъалаҳои ҷории баррасишаванда шинос намуда, иброз дошт, ки дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо - кормандони соҳаи маорифи кишварро мебояд барои беҳтар шуудани сатҳу сифати таълиму тарбия беш аз пеш кӯшиш намоем.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа нахуст ҳисоботи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Комилбек Амид “Оид ба фаъолияти муассиса дар соли таҳсили 2022-2023” шунида шуд. Вобаста ба масъалаи мазкур Р. Саидзода иброз дошт, ки ҷиҳати ба таври зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти донишгоҳи мазкур масъулини донишгоҳро мебояд шумораи устодони дараҷаву унвони илмидоштаро зиёд намуда, ҷиҳати иҷрои нақшаи қабули довталабон ба донишгоҳ ва таъмини хатмкунандагони равияҳои омӯзгорӣ ба ҷойҳои корӣ чораҳои дахлдор андешанд.

Дар идома ҳисоботи сардори шуъбаи омори Вазорати маориф ва илм Н. Убайдуллозода оид ба «Маҷмуаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шунида шуда, китоби дарсии «Технологияи механикии маҳсулоти нассоҷӣ» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муаллифон: Х. Т. Мирхолиқов, Д. С. Мансурӣ) мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Зимни баррасии гузоришҳои боло вазири маориф ва илм таваҷҷуҳи ҳозиринро ба масъалаҳои хуб ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, хусусан, литсею гимназияҳо, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон ва китобҳои дарсии фанни омодагии дифои ҳарбӣ, ташкили майдончаҳои сафоройӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гузаштани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бақайдгирӣ дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои ҳатмию саривақтии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, бартараф намудани камбудию қонунвайронкуниҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва тақвияти фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ҷалб намуд.

Дар охир вазири маориф ва илм дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, иҷрои ҳатмию саривақтии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳайати мушовара ва фармоишҳои вазири маориф ва илм, нашр ва бознашри китобҳои дарсӣ ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

# Иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат

1-уми апрели соли 2024 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ҷаласаи кории вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо директорони муассисаҳои таълимӣ, муовинони директорон ва раисони кумитаҳои падару модарони муассисаҳои таълимии шаҳр баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо кумитаҳои падару модарон, риояи либосҳои тавсиявӣ аз ҷониби хонандагон, таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, бо худ овардани китобҳои дарсӣ аз ҷониби хонандагон, пардохти ғайринақдии маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ, баланд бардоштани ҳисси миллии хонандагон, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои роҳбарикунанда дар муассисаҳои таълимӣ, фарогирии сартосарии кӯдакону наврасон ба таълиму тарбия, гирифтани пеши роҳи воридшавии хонандагон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун, шабакаҳо иҷтимоӣ ва сомонаҳои мамнуъ, баланд бардоштани саводи расонаии хонандагону омӯзгорон, роҳ надодан ба ҷалби хонандагону омӯзгорон ба корҳо ва чорабиниҳои ба таълиму тарбия иртиботнадошта, иштироки хонандагону омӯзгорон дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», тарғибу ташвиқи олимпиада ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар миёни хонандагон, дани шумораи маҳфилҳои наздимактабӣ, фарогирии бештар ба таҳсилоти иловагӣ, омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, ташкили марказҳои инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи



роҳ надодан ба ақидаҳои хурофотӣ, пешгирии таълимоти ғайриқонунии динӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон, сабзу хуррам гардонидани атрофи муассисаҳои таълимӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар масъалаи самаранок истифода бурдани қувваи барқ ва об, тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар бораи ҳатмӣ гардидани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷалби хонандагон ба таҳсил дар синфҳои 10 ва 11 ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, зиёд намуумумӣ, ҳуҷҷатсупории хонандагони синфи 11 ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Вазири маориф ва илм вобаста ба масъалаҳои баррасигардида ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Дар охир аз ҷониби ҳозирин таклифу пешниҳодҳои судманд ироа гардида, мубодилаи афкор сурат гирифт.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

# Арзёбии муҳтавои китобҳои дарсӣ



29-уми марти соли равон таҳти раёсати муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоикистон Ҷамшед Ҷӯразода ҷаласаи навбатии Шурои миллии таҳсилот баргузор гардид, ки дар он сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм, роҳбарону аъзои гурӯҳҳои ҳамоҳангсози барномаву китобҳои дарсии Шуро ва муаллифону мураттибони адабиёти таълимии барои баррасӣ пешниҳодшуда ширкат намуданд.

Дар ҷаласаи навбатии Шурои миллии таҳсилот нахуст иҷрокунандаи вазифаи директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ Р. Пиракзода адабиёти таълимиву методии барои баррасӣ пешниҳодгардидаро муаррифӣ намуд. Дар кори ҷаласа як номгӯй барномаи таълими фанни нуҷум барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 15 номгӯй харитаҳои таълимӣ ва 14 номгӯй китоби дарсии зинаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Зимни баррасии масъалаи мавриди назар аз ҷониби раиси ҷаласа риоя намудани талаботи нақшаҳои таълимӣ ва принсипи муносибати босалоҳият ба таълим дар китобҳои дарсии муассисаҳои таълимӣ таъкид карда шуд.

Дар идома гузориши сармутахассиси фанни таърихи раёсати таҳияи маводди имтиҳонии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Абдуллоев доир ба арзёбии мазмун ва муҳтавои китобҳои дарсии фанҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шунида шуд.

Дар охир аз ҷониби муовини якуми вазири маориф ва илм ба инобат гирифта шудани пешниҳодҳои ироашуда зимни таҳияи консепсияи таълифи китобҳои дарсии фанни таърихи халқи тоҷик ва бо дарназардошти методикаи ҳозиразамони таълим таҳия намудани китобҳои дарсии ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъкид карда шуд.

***Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илм***

ДАСТГИРӢ

# Ифтитоҳи синфхонаҳои иловагӣ

23 марти соли 2024 бо иштироки намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ва роҳбарияти ноҳия Кӯшониён дар МТМУ рақами 40- и ноҳия дар фазои идона 4 синфхонаи иловагии муҷаҳҳаз бо аёниятҳои таълимӣ ба истифода дода шуданд. Синфхонаҳои иловагӣ бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва кумитаи падару модарон бунёд шуда, туҳфаи арзишманд ба толибилмони ин макони илму маърифат гардид. Вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ ва роҳбарияти ноҳия барои ташаббуси пешгирифтаашон ба сокинони ин деҳа изҳори сипос намуда, ҳамагонро бо ҷашни Наврӯзи оламафрӯз муборакбод намуданд.

***Дафтари матбуотии раиси ноҳияи Кӯшониён***

# Сафари корӣ ба Ашт

Зимни сафари корӣ ба ноҳияи Ашт (30.03.2024) вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо раиси ноҳия Шуҳрат Муҳаммадзода аз бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25, сохтмони шуъбаи маорифи ноҳияи Ашт ва сохтмони маҷмуаи варзишӣ дар назди МҒХ “Мактаби Нури Раҳмон” дидан намуданд.

Зимни суҳбат бо омӯзгорон ва мушовирони шуъбаи маорифи ноҳия вазири маориф ва илм зикр кард, ки таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ зиёд аст. Аз ин хотир, ба таълиму тарбия, махсусан, ба сифати таҳсилот, омӯзиши забонҳои хориҷӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

***Хадамоти матбуоти раиси ноҳияи Ашт***

**Дар шаҳри Ҳисор даври аввали Озмуни ҷумҳуриявии «Сад ранги чакан» ҷамъбаст шуд.**

МАВЗУИ РӮЗ

# Забономӯзӣ – талаби замон

Раёсати маорифи вилояти Хатлон бо мақсади таъмини ичрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» нақшаи чорабиниҳоро тасдиқ намуда, барои ичро дастраси шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон гардонидааст. Дар таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ як қатор мушкилоте мавчуданд, ки яке аз онҳо таъмин набудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибтахассус ба шумор меравад. Рафти ичрои Барномаи мазкур дар шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Ш. Шоҳин, Муъминобод ва Ховалинг мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳри Кӯлоб 403 нафар омӯзгор аз фанҳои забони русӣ ва 269 нафар аз забони англисӣ бо хонандагон машғулият мегузаронанд. Норасоии омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳр дида намешавад. Дар асоси нақшаи кории кабинети методии шуъбаи маорифи шаҳр дар моҳи декабри соли чорӣ санчиши сифати дониши хонандагон аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар синфҳои 5-11-и муассисаҳои таълимии №№1,2,3,14,27,30 ва 52 гузаронида, мусбат арзёбӣ шудааст. Мутаассифона, дар шуъбаи маорифи шаҳр мушовири фанни забони русӣ то имрӯз фаъолият надорад. Назорати ичрои фармону дастурҳои фанни мазкур ба зиммаи мушовири фанни забони англисӣ вогузор шудааст. Бо дастгирии кабинети методӣ дар муассисаҳои таълимии №№2, 16,39 ва 52 семинари дурӯзаи омӯзгорони забони русӣ ва англисӣ гузаронида шудааст, ки дар он 183 нафар омӯзгор ширкат варзид. Дар моҳи феврали соли чорӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи донишандӯзии хонандагони синфҳои 5-11-и муассисаҳои таълимии шаҳр озмуни «Забондони беҳтарин » аз фанни забони русӣ гузаронида шуд, ки дар он хонандагони муассисаҳои таълимии №№1, 3,30 ва 52 сазовори чойҳои ифтихорӣ гардиданд. Дар муассисаҳои таълимии 12 таълимгоҳ бо дастгирии маъмурияти мактаб ва омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ кабинетҳои замонавӣ ташкил ва бо воситаҳои навини техникӣ, гӯшаю овезаҳо, аксҳои шоирону нависандагони рус ва ғайраҳо мучаҳҳаз гардонида шудаанд. Аз 48 муассисаи таълимӣ танҳо дар муассисаҳои таълимии №№4 ва 34 кабинетҳои лингофонӣ фаъолият мекунад. Новобаста ба ин ҳама, ҳанӯз ҳам дар таълиму омӯзиши фанҳои забони русӣ ва англисӣ проблемаҳои ҳалталаб зиёданд. Норасоии кабинети лингофонӣ, воситаҳои аёнӣ ва техникӣ, китобҳои бадеӣ ва маводи дидактикӣ бо забони русӣ ва англисӣ боиси коста гардидани сифати таълим ва дониши хонандагон гардидааст. Набудани муҳити гуфтугӯ ва муоширати хонандагон бо забони русӣ боиси паст шудани дониши шифоҳии хонандагон шудааст.

Бояд зикр кард, ки фарогирии хонандагон ба маҳфилҳои фаннӣ (аз чумла, фанҳои забони русӣ ва англисӣ) дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Мушкилоти дигар нарасидани омӯзгорони соҳибкасби забонҳои русӣ ва англисӣ, сифати пасти китобҳои дарсӣ ва кам чудо шудани соатҳои таълимӣ барои омӯзиши фанҳои забони русӣ ба шумор меравад.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Шамсиддини Шоҳин 86 нафар омӯзгори забони русӣ ва 45 нафар омӯзгори забони англисӣ ба таълиму тарбияи насли наврас машғул ҳастанд. Аз ин шумора омӯзгорони забони русӣ бо маълумоти олӣ 65 нафар, маълумоти олии нопурра 21 нафар ва аз шумораи 45 нафар омӯзгори забони англисӣ бо маълумоти олӣ 24 нафар, бо маълумоти миёнаи касбӣ 11 нафар ва 9 нафар омӯзгори ғайриихтисос фаъолият доранд. Дар нақшаи кории кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳия барои солҳои 2023-2024 дар моҳи ноябри соли чорӣ санчиши сифати дониши хонандагон аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар синфҳои 5-11-и муассисаҳои таълимии №№1,3,7,16,33 ва 36 гузаронида, дар шурои шуъбаи маорифи ноҳия мавриди баррасӣ қарор




дода шудааст. Бо ибтикори мушовири забони русӣ ва англисӣ Гулрухон Азизова дастури методӣ бо номи «Методическое пособие в помощь изучающим русский язык» дастраси омӯзгорону хонандагон гардидааст. Дар муассисаҳои таълимии №№ 1,3,5,7,10,11,12, 22,27 ва 36 бо дастгирии маъмурияти мактаб ва омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ кабинетҳои хуби замонавӣ ташкил гардидаанд.

Дар муассисаҳои таълимии №№4,6,21 ва 32 маҳфилҳои фанҳои забони русӣ ва англисӣ мувофиқи мақсад ба роҳ монда нашудааст. Дониши шифоҳӣ ва саводнокии хонандагон дар муассисаҳои мазкур дар зинаи паст қарор дорад.Аз ин рӯ, масъулини соҳаро зарур аст, ки кори маҳфилҳоро дар муассисаҳои таълимӣ ва таҳсилоти иловагӣ тақвият бахшанд.

Рафти ичрои «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030» дар шуъбаи маориф ва муассисаҳои таълимии №№8, 20,39 ва 52-и ноҳияи Муъминобод мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳия бахри амалишавии барномаи зикршуда нақшаи чорабиниҳоро иборат аз 7 банд таҳияву мураттаб намудааст. Тибқи нақшаи шуъбаи маорифи ноҳия ҳолати ичрои Барнома дар муассисаҳои таълимии №№5,6,7,41,43 ва 44 мавриди санчиш қарор дода шуда, дар шурои шуъбаи маориф баррасӣ ва дар ин замина қарори мушаххас қабул гардидааст. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 6 кабинети фанни забони русӣ ва 47 синф-кабинети фанҳои забони русӣ ва англисӣ фаъолият доранд. Хонандагони муассисаҳои таълимии №№1,30 ва гимназияи давлатии «Боғи Ҳабиб» дар озмуни чумҳуриявии фанни забони англисӣ сазовори чойи ифтихорӣ гардиданд. Дар муассисаҳои таълимии №20, №39, №52 ва №8 синф - кабинетҳои забони русӣ ва англисӣ ташкил гардида, муассисаҳои номбурда бо омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ таъмин мебошанд. Хонандагони муассисаҳои таълимии №8 ва №39 дар озмунҳои фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар ноҳия ва вилоят ширкат варзида, сазовори чойҳои ифтихорӣ гаштанд. Бо вучуди ин, мушоҳиҳ дар баъзе муассисаҳои таълимии ноҳия нишон доданд, ки ба сабаби норасоии омӯзгорони соҳибмаълумот, набудани воситаҳои аёнии муосир ва муҳайё набудани муҳити забонӣ ва муоширати забонӣ хонандагон аз фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дониши хуб надоранд. Дар баъзе муассисаҳои таълимии ноҳия дониши хонандагон аз фанҳои мазкур қаноатбахш нест. Дар муассисаҳои таълимии №6 ва №14 кабинетҳои лингофонӣ ташкил карда шуда, бо тачҳизоти муосир таъмин мебошад. Дар муассисаҳои таълимии №№22, 24 ва 28 айни ҳол ягон намуди кабинет аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ фаъолият намекунад.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Ховалинг 53 нафар омӯзгори забони русӣ ва 41 нафар омӯзгори забони англисӣ ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд. Дар давоми соли чорӣ 26 нафар омӯзгори забони русӣ ва 12 омӯзгори забони англисӣ аз курсҳои бозомӯзии такмили ихтисос гузаштаанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 32 маҳфили забонҳои русӣ ва англисӣ фаъолият менамоянд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 6 кабинети фанни забони русӣ, 2 кабинети лингофонӣ, 32 синф-кабинети фанҳои забони русӣ ва англисӣ мавчуд аст. Аз чониби шуъбаи маорифи ноҳия якчанд маротиба ҳолати ичрои барномаи мазкур дар муассисаҳои таълимии №№1,2, 3,4,5,14,18 ва гимназияи давлатии ноҳия мавриди санчиш қарор дода шудааст. Дар олимпиадаи вилоятӣ аз фанни забони русӣ 7 нафар хонандаи муассисаҳои таълимии ноҳия сазовори чойи ифтихорӣ ва аз фанни забони англисӣ 1 нафар сазовори чойи дуюм гаштаанд. Норасоии 6 нафар омӯзгори фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия дида мешавад. Ҳамчунин, дар ноҳия маркази омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ фаъолият мекунад, ки дар он ду гурӯҳ ба омӯзиш машғул ҳастанд.

*Шариф АБДУЛҲАМИД,*
*«Омӯзгор»*

ИҚТИСОД

# Ташаккул ва рушди низоми пардохти ғайринақдӣ

Дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ, ки равандҳои чаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ байни давлатҳо, инчунин, рақамикунонии соҳаю вусъат ёфта истодааст, масъалаи ташкили низоми устувори пардохтӣ, ки яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад, бисёр муҳим мебошад.

Низоми муосири иқтисодӣ аз мачмуи амалиёт ва муносибатҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва молу мулкии бо ҳам алоқаманди субъектҳои хочагидорӣ иборат буда, асоси онро пардохтҳои мунтазами пулию молӣ вобаста ба ичрои мол, кор ва хизматрасонӣ ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир рақамикунонии иқтисодиёт ва дар мафкураи чомеа чой додани он хеле муҳим аст, чунки такя ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва идоракунии самараноки иқтисодиёт мебошад. Низоми пардохтӣ бонкҳоро байни ҳамдигар, бонкҳоро бо мизочон, харидорро бо фурӯшанда ва ғайраҳо пайваст менамояд. Бояд қайд намуд, ки вазифаи асосии низоми пардохтӣ, таъмини гардиши воситаҳои пулӣ байни субъектҳои хочагидории иқтисодӣ мебошад.

Вобаста ба ин, имрӯзҳо таваччуҳи кишварҳои чаҳон ба рушд ва такмили низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун механизми кам кардани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, баҳисобгирии дурусти манбаъҳои андозбандишаванда, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ, инчунин, дарёфти сарчашмаҳои иловагии рушди иқтисодиёт бештар шуда истодааст.

Бо назардошти он ки тамоми амалиёт оид ба хариду фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо тавассути пул (дар ин ё он шакл) анчом меёбанд, дар шароити иқтисоди бозорӣ пул яке аз воситаҳои ҳатмии ҳаёти ҳамарӯзаи чамъият ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагони молу хизматрасониҳо ва истеъмолкунандагон бе истифодаи он ғайриимкон аст. Вале бо пешрафти чомеа ва илму техника, инчунин, самаранокии истифодаву идораи он тарзи истифодаи пулҳои нақдӣ (коғазӣ) дар муомилоти пулӣ такмил ёфта, шаклҳои муосири пардохтҳои пулӣ ташаккул ёфта истодаанд.

Яъне, агар дар солҳои пешин баъд аз пайдоиши пулҳои коғазӣ то асри 20-ум дар муомилоти пулӣ ҳамчун воситаи пардохт танҳо шакли нақдии пул истифода мешуд, имрӯзҳо дар баробари истифодаи пардохтҳои нақдӣ дар муомилоти пулӣ, шакли ғайринақдии он низ дар чаҳон васеъ истифода мегардад. Дар ҳар ду ҳолат пул ҳамчун ченаки арзиш воситаи асосии пардохт буда, танҳо шакли истифодаи он фарқ мекунад.

Масъалаи назарияи пайдоиши пул ва муомилоти пулӣ, мафҳум ва моҳияти низоми пулӣ, низоми пардохтӣ, бахусус, низоми пардохтии ғайринақдӣ, асосҳои назариявӣ - илмӣ ва методологӣ, зарурат, мазмун, шакл, тарз ва аҳамияти рушди он аз чониби олимони хоричӣ ва ватанӣ дар иртибот бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти пешгирифташон баррасӣ шуда, онҳо дар саҳифаҳои адабиёти илмӣ то андозае дастрас мебошанд.

Тибқи назарияи иқтисодӣ миқдори пули дар муомилот зарурбуда вобаста ба ҳачми истеҳсоли мол, кор ва хизматрасонӣ танзим мегардад. Дар ин замина, танзими ҳачми пул ҳангоми рушди ҳамачонибаи низоми пардохтии ғайринақдӣ осон гардида, суръатнокии гардиши пул, мӯътадилии сатҳи таваррум ва коҳишии нархи пул ба низом дароварда мешавад.

*Шоҳсанам ҒОЗИЕВА,*
*магистранти курси 2,*
*Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ*

**Нақшаи даъвати баҳорӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ дар рӯзи аввали даъват 100 фоиз ичро шуд.**

*Агар бар зидди ақл исён накунӣ, ба ҷое намерасӣ.*
*Алберт Эйнштейн*



МАҚОМ

# Нақши бонувон дар рушди илму маориф бузург аст

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар ҳамасола ба фаъолияти пурсамару масъулиятноки бонувони кишвар баҳои баланд медиҳанд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд.



Ба таъкиди Сарвари давлат нақши занону бонувон дар пешбурди корҳои илмию тадқиқотӣ низ назаррас буда, ҳамасола онҳо вобаста ба масоилу мавзуъҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат корҳои илмӣ-пажуҳишӣ анҷом дода, дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва берун аз он маърӯза намуда, илми тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд.

Имрӯз метавон гуфт, ки дар кишвари мо ягон соҳае дар самти илму маърифат нест, ки ба фаъолияти назарраси бонувон иртибот надошта бошад. Занҳои кишвар дар рушди илмҳои гуногун, аз ҷумла, илмҳои гуманитарӣ, дақиқ ва ғайраи дигар кору саҳми шоиста мегузоранд.

Яке аз ингуна бонувони фаъолу пешқадам Муҷиба Ёқубова мебошад, ки ҳамчун олими соҳаи биология шинохта шуда, аз байни занон ба унвони академикӣ сазовор гардидааст. Ин зани донишманд тамоми ҳаёти хешро баҳри омӯзиши масоили физиология ва генетика рустаниҳо бахшида, на танҳо дар миқёси ҷумҳурӣ, балки берун аз он соҳиби обрӯву нуфузи баланд гардидааст.

Натиҷаи тадқиқоти илмии дар як қатор кишварҳои дуру наздик муаррифӣ гардида, сазовори баҳои баланд гардидаанд. Бо талошу кӯшишҳои зиёд ин бонуи фидоии илм соли 2004 аз тарафи Пажуҳишгоҳи биографии ИМА «Зани сол» эътироф гардид.

Чунин занони фаъолу кордони тоҷик дар соҳаҳои гуногун, бахусус, дар самти корҳои илмӣ–тадқиқотӣ кам нестанд. Таҳмина Саодатқадамова низ дар ҷодаи илму маориф ба бисёр муваффақиятҳо ноил гардидааст. Вай дар соҳаи биология соли 2002 рисолаи номзадияшро дар мавзуи “Хусусиятҳои морфологӣ-биологӣ ва физиологии зардолуи Помири Ғарбӣ” бо муваффақият ҳимоя намуд.

Соли 2015 барои бозомӯзӣ ба донишгоҳи Залсбурги Австрия фиристода шуда, рисолаи докторияшро дар ин донишгоҳ омода намуд. То ин дам зиёда аз 50 мақолаи илмӣ, 1 монография, 1 китоби дарсӣ, 2 китоби илмӣ таълиф намуда, ба нашр расондааст.

Соли 2013 бо нишонаи “Аълочии маорифи Тоҷикистон” ва соли 2015 бо ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф сарфароз гардонида шуд.

Боиси ифтихор аст, ки Сарвари маҳбуби давлат меҳнати мо – бонувону занонро қадр карда, ба қобилият, истеъдод, фидокорӣ ва ҷасорати ҳар яки онҳо баҳои сазовор медиҳанд.

11-уми феврал бо қарори Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид Рӯзи байналмилалии бонувону духтарон дар соҳаи илм эълон гардидааст. Он бо мақсади бартараф кардани монеаҳо ва кумак расондан ба занон, баробарҳуқуқии гендерӣ, эътироф ва саҳми бонувон дар рушди илм таъсис ёфтааст.

Дар муддати панҷ сол, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар кишварамон доир мегардад, танҳо соли аввали озмун голиби «Шоҳҷоиза» ҷавонписар буд, се «Шоҳҷоиза»-и дигарро духтарон ба даст овардаанд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки бонувон дар ҷодаи илм пешсафанд.

***Арабгул МАБАТШОЕВА,***
***омӯзгори мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ ба номи Карамшо Додхудоев дар ноҳияи Рӯшон***

«ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР»

# Сарвати бебаҳои табиат

*Богу рогу хуррамӣ аз об шуд,*
*Зиндагӣ андар замин обод шуд.*

Яке аз унсурҳое, ки асоси мавҷудият ва пойдории ҳаёт дар рӯйи Замин аст, об мебошад. Об сарвати бузургест, ки аз он инсоният дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ истифода мебарад. Мо шукргузорӣ аз он менамоем, ки Ватани азизамон - Тоҷикистон аз лиҳози захираи об дар байни дигар кишварҳо дар мавқеи аввал қарор дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз огози фаъолияти роҳбариашон барои ҳифзи захираҳои об ва тоза нигоҳ доштану самаранок истифода бурдани он ба якчанд иқдоми наҷиб даст заданд. Аз ҷумла, дар минбарҳои бонуфузи ҷаҳонӣ вобаста ба аҳамияти истифодаи оқилонаи об пешниҳодҳое намудаанд, ки аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ дастгирӣ ёфтанд. Дар ин замина соли 2003 Соли оби тоза, солҳои 2005-2015 Даҳсолаи амалиёт «Об барои ҳаёт», соли 2013 Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ва соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон шуд.



Тоҷикистон давоми ду даҳсола аст, ки бо иқдомҳои созандаи Пешвои миллат дар самти ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон нақши асосӣ мегузорад. Пешниҳодҳои Сарвари кишвари мо, пеш аз ҳама, ба некуаҳволии халқҳои тамоми сайёра равона шудаанд ва хусусияти халқпарваронаю хайрхоҳона доранд ва ба ҳалли бисёр мушкилоти глобалӣ мусоидат мекунанд. Ҳоло дар пешорӯи башарият ҳодисаҳову рӯйдодҳои табиию экологию иқлимии зиёде вуҷуд доранд, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳлука овардаанд.

Имрӯз бисёр ба вуқуъ омадани хушксолиҳо, обшавии пиряххо, биёбоншавӣ ва норасоии об аз мушкилоти асосии мардум дар аксар манотиқи олам ба ҳисоб меравад ва солҳои охир аҳли сайёраро бештар нигарон кардаанд. Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси ҷалби диққати ҳамагон ба мушкилоти вобаста ба об гардиданд. Бисёр тадбирҳо аз ин хусус ба рӯзномаи Ҳадафҳои рушди устувор ворид гардиданд. Вақт ва воқеият собит намуд, ки пешниҳодҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ояндаи зиндагии пурсаодати аҳолии сайёра муҳиманд. Мушкилоти рӯзмаррае ҳастанд, ки имрӯз ҳалли онҳо фаъолияти дастаҷамъонаи аҳли башарро тақозо менамоянд. Маҳз ҳамин мушкилот кишвари моро водор намуд, то таваҷҷуҳи сокинони сайёраро ба пешгирии паёмадҳои ноҳуши ин ҳодисот равона карда, роҳбарони давлатҳо ва пешвоёни сиёсиро ба саҳнаи муколама даъват намоянд. Танҳо аз солҳои 2000-ум то инҷониб 5 ташаббуси Сарвари хирадманди Тоҷикистон аз ҷониби давлатҳои узви СММ пуштибонӣ ёфта, қатъномаҳои СММ оид ба масъалаҳои обу иқлим қабул гардиданд. Дар тамоми ҷорабиниҳои байналмилалӣ ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили марбут ба обу иқлим мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор мегиранд. Ҳамзамон, чанд маротиба иқдомҳои созандаи Роҳбари давлати тоҷикон ҷомеаи ҷаҳонро ба ҳам овард. Шаҳри Душанбе мизбони бонуфузтарин конфронсҳои байналмилалӣ гардид. Ин ташаббусҳо танҳо ба хотири эҳтиёҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд. Имрӯз тамоми инсонияти кураи Замин дарк карда, ки ин ташаббусҳо барои эмин нигоҳ доштану ҳифз намудани саломатии инсоният дар тамоми минтақаҳост ва таъминоту дастрасии мардуми ҷаҳон ба оби тозаю ошомиданӣ мебошад. Ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешгирии хавфу хатар дар шароити дигаргуншавии иқлим, мутобиқшавӣ ба раванди кунунии табиат дар доираи иқтисоди сабз, пешгирӣ кардани мушкилоти норасоии об дар олам ва таъмини ҳаёти пурсаодат барои сайёра равона шудааст. Ҳар фардро зарур аст, ки баҳри поку беолоиш нигоҳ доштани ин неъмати бебаҳои табиат кӯшиш ба харҷ диҳад, барои самаранок истифода бурдани он талош варзад. Ба қадри ҳар як қатраи об бояд расем ва нагузорем, ки он беҳуда масраф шавад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «ташнаро як қатра об аз ганҷи дунё беҳтар аст».

***Анӯшервон СОДИҚОВ,***
***омӯзгори МТМУ №20-и ноҳияи Айнӣ***

ОЗМУН

# Пирӯзии 13 нафар

Рӯзҳои 26 – 31 март дар Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғ олимпиадаи фаннӣ аз фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ баргузор гардид, ки дар он хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таълимии вилоят ширкат доштанд. Дар маҷмуъ, аз шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят 139 нафар довталаб дар ин озмун дониши худро санҷиданд. Аз ин миён 13 нафар ғолиб омада, ҳуқуқ пайдо карданд, ки дар даври ниҳоии олимпиада ширкат ҷӯянд.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***“Омӯзгор”***

ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

# Созмони хонандагон

Фаъолияти Созмони хонандагон дар тарбия ва ташаккули шахсияти хонандагон мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Мақсади асосии Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, омӯзиш ва эҳтироми таърих фарҳанги миллию башарӣ, арҷгузорӣ ва ҳифзи созишҳои Истиқлоли давлатӣ ва ба ин васила, ташаккули шахсият ва шаҳрванди фаъоли ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Яке аз роҳҳои ҷалби насли наврасу ҷавонон ба омӯзиш ва ҷилавгирии онҳо аз бекоргардӣ, фаъолияти хуби муассисаҳои таҳсилоти иловагист.

Баҳри такмили корҳои тарбиявӣ, инчунин, бо баҳои хубу аъло ва рафтори намунавӣ таҳсил кардани насли наврас, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ, интихоби бошууронаи касб, тайёрӣ барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шомил гардидан ба иттифоқи ҷавонон ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ, омодагӣ ба ҳаёти мустақилона, имрӯз дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмони хонандагон дар се зина - “Ахтарон”, “Ворисони Сомониён” ва “Сомониён” фаъолият дорад ва дорои нишон, парчам, суруд ва шиор мебошад.

Нақши роҳбари Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар азхудкунии фанҳои таълимӣ ва беҳдошти сифати таҳсилот хеле баланд буда, роҳбари муассисаи таълимиро зарур аст, ки дар вақти ҷобаҷогузории кадрҳо ва таъйин намудани роҳбари Созмони хонандагони муассиса диққати махсус зоҳир намояд.

Ман ду сол боз дар мақоми роҳбари Созмони хонандагони муассиса кор ва фаъолият дорам

Вазифаи аввалиндараҷаи ман дар руҳияи ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, хештаншиносӣ тарбия намудани хонандагон мебошад. Дар ин ду соли фаъолият мо ба дастовардҳои назарасе ноил гаштем, аз ҷумла, дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, вилоятиву ноҳиявӣ, инчунин, дар маҳфилҳои эҷодию ҳунарӣ ва варзишӣ ба комёбиҳо мушарраф гардидем.

***Асмовиддини ЗАЙНУЛЛО,***
***роҳбари Созмони хонандагони МТМУ №8-и ноҳияи Данғара***

**Ноҳияҳои минтақаи Рашт нақшаи даъвати баҳориро 100 фоиз иҷро намуданд.**

Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting [ˈɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætər dei]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [ə'ʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [ə'gri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city ['sɪtɪ] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen ['sɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion ['laɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem ['pəuɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [glɑ:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet ['pəuɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution ['kɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pə'hæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪ'spekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪ'eɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration ['deklə'reɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [ə'naunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:'naɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | uniformly [junifo:mli] |
| **Якчанд** | несколько | *several ['sev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [tə'geðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday ['sʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon ['wepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan ['ɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rɪ'frɪʤəreɪtə], fridge [friʤ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream ['aɪs'kri:m]* |





# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ

## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnətʃə]; to sign [tu saɪn]; to be signed [tu bi: saɪnd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əold]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n],* job *[ jəb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrerɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfis],institution [ˌɪnstɪˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaild], kid [kid] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hɛlp], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌgaːd (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keidʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [vǽljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pɪt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, қувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpauə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃivə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəʊk]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ɪŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lɪp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иктисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастур ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ”-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавку рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈfemənın]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəʊn kɔ:l], to call [tu kɔ:l] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [hɑ:m], damage [ˈdæmıdʒ], injury [ˈın(d)ʒ(ə)rı]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltıplıˈkeıʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary [ˈnesəs(ə)rı], (necessity [nıˈsesıtı])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dıʃ], dishes [dıʃız], tableware [ˈteıb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜ:b]* |

### И

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌri:lækˈseıʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rıˈlæks];* |
| **Истироҳаттоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔ: rıˈlæks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbi:dıəns], submission [səbˈmıʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌınfərˈmeıʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃiˈælıtı]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksıkju:t], to fulfil [tu fʊlˈfıl], to carry out [tu ˈkærıəʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈvi:zə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmıt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pərˈmıʃn], to ask permission [tua:sk pərˈmıʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pli:z]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsæləri], wages [ˈweıdʒız]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpi:p(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmi:tıŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlıvıŋ ru:m], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour [ˈlei.bə],work [wɜ:k]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation [ˈneıʃ(ə)n], nationality [næʃəˈnælıtı]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərıə], region [ˈri:dʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, вохӯрӣ** | встреча | *meeting [ˈmi:tıŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmju:nıˈkeıʃn]* |

### Н

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)tʃæıld]* |
| **Нав** | новый | *new [nju:]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdju:tı]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔ:lt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praıs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜ:neım]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [ˈpɜ:sn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblıˈkeıʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ ki:p], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sit]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔ:ls], incorrect [ınkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drıŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breıv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [repriˈzentətıv]* |

### О

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔ:tə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔız]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bıˈgınıŋ], start [stɑ:t]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜ:sn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜ:rtəsı]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raıt], privilege [ˈprıvılıdʒ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weidʒ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[tru:θ], reality [rıˈælıtı]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔ:l], everyone[ˈevrıwʌn], everything [ˈevrıθıŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague [ˈkɒli:g], coworker [ˈkəʊˈwɜ:kə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpəˈreıʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəʊˈɔ:dmeıtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[təˈgeðə], travelling companion [ˈtræv(ə)lıŋkəmˈpænıən]* |

### Ч

| | | |
|---|---|---|
| **Чӯб** | палка, древесина | *wood[wʊd]* |
| **Чӯпон** | пастух | *shepherd [ˈʃepəd]* |
| **Чутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Чӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer [ˈɑ:nsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler [ˈru:lər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | total [toutl] |
| **Ҷамъият** | общество | *society [səˈsaıətı]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔ:]* |
| **Ҷануб** | юг | South [sauθ] |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director [ˈdepjutı d(a)ıˈrektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [səˈpɔ:tə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing [ˈfɔləuıŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(:)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rıˈpʌblık]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔ:n]* |
| **Ҷумъа** | пятница | Friday [ˈfraıdı] |

А

| Тоҷикӣ | РУСӢ | АНГЛИСӢ (овонавишт) |
|---|---|---|
| **Адабиёт** | литература | *literature [ˈlɪt(ə)rəʧə]* |
| **Адад** | число | *number [ˈnʌmbə]* |
| **Адолат** | справедливость | *justice [ˈʤʌstɪs]* |
| **Азиз** | уважаемый | *dear [dɪə], precious [ˈpreʃəs], esteemed [ɪˈstiːmd]* |
| **Ақл** | ум, разум | *intelligence [ɪnˈtelɪʤ(ə)ns], intellect mind [ˈɪntɪlekt maɪnd]* |
| **Алов (оташ)** | огонь | *fire [ˈfaɪə]* |
| **Алаф** | трава | *grass [grɑːs], herb UK: [hɜːb], US: [ɝːb], fodder [ˈfɔdə]* |
| **Аскар** | солдат | *soldier [ˈsəulʤə]* |
| **Атроф** | вокруг | *around [əˈraʊnd]* |
| **Афсона** | сказка | *fairy-tale [ˈfe(ə)rɪteɪl], story [ˈstɔːrɪ], tale [teɪl]* |
| **Ахбор** | новость | *news [njuːz]* |
| **Ахлоқ** | мораль | *morals [ˈmɔrəlz]* |
| **Аҳолӣ** | население | *population [ˌpɔpjuˈleɪʃ(ə)n]* |
| **Аломат** | знак | *sign [saɪn], mark [mɑːk], omen, [ˈəumən]* |
| **Амният** | безопасность | *security [sɪˈkju(ə)rɪtɪ]* |
| **Анъана** | традиция | *tradition [trəˈdɪʃn]* |

Б

| | | |
|---|---|---|
| **Бад** | плохой | *bad [bæd]* |
| **Бадан** | тело | *body [ˈbɔdɪ]* |
| **Баён** | выражение мыслей | *expression of thoughts [ɪkˈspreʃ(ə)n ɔvθɔːts]* |
| **Базм, тӯй** | вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д. | *party [ˈpɑːrtɪ], public reception associated with weddings [ˈpʌblɪk rɪˈsepʃ(ə)n əˈsəuʃɪeɪtid wɪð ˈwedɪŋz]* |
| **Байналмилалӣ** | международный | *international [ˌɪntəˈnæʃ(ə)nəl]* |
| **Байнишаҳрӣ** | междугородний | *between cities [bɪˈtwiːn ˈsɪtɪz]* |
| **Баромадан** | подняться | *to rise [raɪz]* |
| **Баромадгоҳ** | выход | *exit [ˈegzɪt]* |
| **Барф** | снег | *snow [snəu]* |
| **Бахт** | счастье | *happiness [ˈhæpɪnəs]* |
| **Бахшидан** | простить | *to forgive[tuː fəˈgɪv], let off [ˈlet ˈɔf]* |
| **Баҳор** | весна | *spring [sprɪŋ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈremɪdɪ]* |
| **Духтар** | девочка | *girl[gɜːl]* |
| **Дуст, рафиқ** | друг, товарищ | *friend[frend]* |

Ё

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд гирифтан** | научиться | *to learn [tu lɜːn]* |
| **Ёдгории меъморӣ** | памятник архитектуры | *a monument of architecture [ˈmɔnjum(ə)nt əv ˈɑːkɪˈtekʧə]* |
| **Ёд доштан, ба ёд омадан** | вспомнить | *to remember [turɪˈmembə]* |
| **Ёздаҳ** | одиннадцать | *eleven [ɪˈlev(ə)n]* |
| **Ёрдам** | помощь | *help, [help] assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Ёридиҳанда** | вспомога-тельный | *auxiliary [ɔːgˈzɪlɪərɪ]* |
| **Ёрдам кардан** | помогать | *to help [tu help]* |
| **Ёрдамчӣ** | помощник | *assistant[əˈsɪst(ə)nt]* |
| **Ёрии таъҷилӣ** | скорая помощь | *ambulance [ˈæmbjəl(ə)ns],emergency assistance [ɪˈmɜːʤ(ə)nsɪ] [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Ёсуман** | жасмин | *jasmine [ˈʤæzmɪn]* |
| **Ёфтан** | найти | *to find [tu faɪnd]* |

Ж

| | | |
|---|---|---|
| **Жола** | град | *hail [heɪl]* |
| **Жола боридан** | выпадение града | *hail fallout [heɪl ˈfɔːlaʊt] it is haliog* |
| **Журнал** | журнал | *magazine [magaˈzen] journal[ˈʤɜːn(ə)l]* |

З

| | | |
|---|---|---|
| **Забон** | язык | *language, [ˈlæŋgwɪʤ] tongue [tʌŋ]* |
| **Забони давлатӣ** | государственный язык | *state language [steɪt ˈlæŋgwɪʤ], official language [əˈfɪʃ(ə)l ˈlæŋgwɪʤ]* |
| **Задан (зан)** | бить, ударить | *to hit [tu hɪt], to strike [tu straɪk]* |
| **Замин** | земля, вселенная | *soil [sɔɪl], earth [ɜːθ], ground [graund], land [lænd]* |
| **Замон** | время, период, эпоха | *time [taɪm], period, [ˈpɪ(ə)rɪəd], epoch [ˈiːpɔk], era [ˈɪrə]* |
| **Замонавӣ** | современный | *modern[mɔdn]* |
| **Зан** | жена, женщина | *wife [waɪf], woman [ˈwʊmən]* |
| **Занона** | по-женски, женский | *female [ˈfiːmeɪl], feminine* |





| | | |
|---|---|---|
| **Озмун** | конкурс | *competition [ˌkɑːmpəˈtɪʃn]* |
| **Озодӣ** | свобода | *freedom [ˈfriːdəm]* |
| **Оила** | семья | *family [ˈfæməlɪ]* |
| **Оина** | зеркало | *mirror [ˈmɪrə]* |
| **Олам** | мир | *world [wɜːld]* |
| **Омадан** | приходить | *to come [to kʌm]* |
| **Ошхона** | кухня | *Kitchen [ˈkɪtʃɪn], national café [ˈnæʃ(ə)n(ə)l ˈkæfeɪ]* |
| **Ошно** | друг, приятель | *friend [frend]* |

П

| | | |
|---|---|---|
| **Пагоҳ** | завтра | *tomorrow[təˈmɔrəu]* |
| **Пагоҳирӯзӣ** | утро | *morning [ˈmɔːnɪŋ]* |
| **Падар** | отец, папа | *father [ˈfɑːðə]* |
| **Пазируфтан (пазир)** | принимать, одобрять | *entertain [ˌentərˈteɪn], to receive [tuː rɪˈsiːv]* |
| **Панҷа** | пальцы | *fingers [ˈfɪŋgəz]* |
| **Пахта** | хлопок | *(n) cotton [ˈkɔtn]* |
| **Пешвоз гирифтан** | встречать | *to meet [ tuː miːt]* |
| **Пешниҳод кардан** | представление, выдвижение | *suggestion [səˈʤestʃ(ə)n], proposal [prəˈpəuz(ə)l]* |
| **Пешонӣ** | лоб | *forehead [ˈfɔrɪd]* |
| **Пиёда** | пешком | *on foot [ɔn fut], walk [wɔk]* |
| **Пиёз** | лук | *onion [ˈʌnjən]* |
| **Писар** | сын, мальчик | *son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Пойафзол** | обувь | *shoes [ʃuːz]* |
| **Пурсамар** | эффективный, плодотворный | *effective [ɪˈfektɪv],fruitful [ˈfruːtf(ə)l]* |
| **Пӯшидан (пӯш)** | закрыть | *to close [ tu kləus]* |

Р

| | | |
|---|---|---|
| **Равия** | направление, тренд | *direction [dəˈrekʃn], trend [trend]* |
| **Рақам** | номер | *number [ˈnʌmbə]* |
| **Рақс** | танец | *dance [dɑːns]* |
| **Ранг** | цвет, краски | *colour [ˈkʌlə]* |
| **Расм** | картина | *picture [ˈpɪkʧə]* |
| **Рафтан (рав)** | идти, иди | *to go [ tuː gəu]* |
| **Рафтор** | поведение | *behaviour [bɪˈheɪvɪə]* |
| **Рафтуомад** | посещение, поездка | *visit [ˈvɪzɪt]* |
| **Раҳнамо** | руководство | *guide [gaɪd]* |
| **Роҳбар** | лидер, начальник | *leader [ˈliːdə]* |
| **Рухсатӣ** | отпуск | *holiday [ˈhɔlɪdɪ],Vacation* |





| | | |
|---|---|---|
| **Феъл** | глагол | *verb [vɜːb]* |
| **Фикр** | мысль, мнение | *think [ˈθɪŋk], opinion [əˈpɪnjən]* |
| **Фурудгоҳ** | аэропорт | *airport [ˈeəpɔːt]* |
| **Фурӯш** | продажа | *sale [seɪl]* |
| **Фурӯшгоҳ** | магазин | *department store[dɪˈpaːtmənt stɔː], shop [ʃɔp]* |
| **Фурӯхтан** | продавать | *to sell[ tu sel]* |

Х

| | | |
|---|---|---|
| **Хабар** | весть, новость | *information[ˈɪnfəˈmeɪʃ(ə)n], news [njuːz]* |
| **Халқ** | народ | *people[ˈpiːp(ə)l]* |
| **Харидан** | купить | *to buy [ tuːbaɪ]* |
| **Харита** | карта | *map[mæp]* |
| **Хатм** | окончание | *graduation [ˈgræʤuˈeɪʃ(ə)n]* |
| **Хатм кардан** | окончить | *to graduate [tu ˈgræʤʊeɪt]* |
| **Хестан** | вставать, подниматься | *to get up [ tu get ʌp], to stand up[ tustænd ʌp]* |
| **Хизмат** | служба, услуга | *service [ˈsɜːvɪs]* |
| **Хоб** | сон | *dream [driːm] sleep[sliːp]* |
| **Хомӯш** | тихий | *silent[ˈsaɪlənt]* |
| **Хона** | дом | *house[haus], home [həum], apartment [əˈpɑːtmənt], room [ru(ː)m]* |
| **Хондан (хон)** | читать, учиться, молиться | *to read[ tuː riːd], to study [ tuː [ˈstʌdɪ]; to pray [ tuːpreɪ]* |
| **Хотира** | память | *memory [ˈmem(ə)rɪ]* |
| **Хоҳар** | сестра | *sister [ˈsɪstə]* |
| **Хунук** | холод | *cold [kəuld]* |
| **Хуш омадед** | добро пожаловать | *welcome [ˈwelkəm]* |

Ҳ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳавз** | пруд, водоём, бассейн | *pond [ pɔnd],pool [puːl], swimming pool[ˈswɪmɪŋpuːl]* |
| **Ҳавлӣ** | двор | *house[haus], garden [gaːdn], yard[jaːd]* |
| **Ҳаво** | погода, воздух | *weather[ˈweðə], air[eə]* |
| **Ҳавопаймо** | самолёт | *aeroplane [ˈe(ə)rəplem]* |
| **Ҳайвон** | животное | *animal [ˈænɪm(ə)l]* |
| **Ҳайкал** | памятник, статуя | *monument [ˈmaːnjəmənt], statue[ˈstæʧuː]* |
| **Ҳайрат** | недоумение, удивление, изумление | *Perplexity [pəˈpleksɪtɪ]; amazement [əˈmeɪzmənt], astonishment [əˈstɔnɪʃmənt], surprise [səˈpraɪz]* |

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ



# Омӯзиши самарабахш

Дар барномаи фанни математикаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши мафҳуми адад, таркиби адад, аломатҳои математикӣ ва қатори ададҳо (синф ва разрядҳо) аз синфи 1 оғоз меёбад. Дар ин самт усулҳои ташаккул додани малакаҳои ҳисоббарории шифоҳӣ ва хаттӣ, роҳҳои гуногуни хондани ададҳо, донистани таркиби ададҳо, навиштани аломатҳои математикӣ ва ҷудо кардани адад ба разрядҳо пешбинӣ шудааст. Инчунин, дар бораи мафҳуми қатори ададҳои натуралӣ, таърифи ададҳои натуралӣ, аломатҳои математикӣ ва ҳалли ҳисоббарории шифоҳию хаттии ифодаҳои гуногуни ададҳои бисёррақама маълумот дода мешавад.

• Адад – калимаи арабӣ буда, шумора, ҳисобро баён мекунад. Барои навиштани адад аломати махсусро истифода мебаранд, ки он рақам ном дорад. Ададҳо аз рақамҳо иборатанд.

• Рақам навиште мебошад, ки бо ёрии аломатҳои 0, 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9 ифода шуда, тартибро муайян менамояд. Ин рақамҳо 10-тоанд: 0, 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9.

• Ададҳои бисёррақама: ададҳое, ки аз якчанд рақам иборатанд, ададҳои бисёррақама номида мешавад. 247456, 9786543, 2 900 000.

• Таркиби адад ҷамъи ададҳоест, ки ба адади аслӣ баробар аст. Масалан, таркиби адади 5 - 5 ва 0, 1 ва 4, 2 ва 3 аст.

• Ададҳои натуралӣ: ададҳое, ки барои шумурдани ашё истифода мешаванд, ададҳои натуралӣ номида мешаванд. Ададҳоро бо рақамҳо ифода мекунанд.

• Қатори ададҳои натуралӣ – пайдарпаии ҳамаи ададҳои натуралӣ, ки бо тартиби зиёдшавӣ ҷойгир шудаанд: 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, ... Хурдтарин адади натуралӣ адади 1 (як, воҳид) мебошад, калонтарин адади натуралӣ вуҷуд надорад. Қатори ададҳои натуралӣ беохир аст.

• Аломатҳои математикӣ ишораҳои шартӣ буда, барои навиштани мафҳумҳои математикӣ, ҷумлаҳои математикӣ ва ҳисоб истифода мешаванд. Масалан, аломати амалҳое, ки ба ҷойи калимаҳои ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим, калон, хурд ва баробар истифода мешаванд, мувофиқан онҳоро бо аломатҳои «+», «–», «•», «:», « », «>», «<», «=» ишора мекунанд.

• Ҳисоби шифоҳӣ ва хаттӣ – мафҳумҳои математикие, ки аввал ба тарзи шифоҳӣ, сипас ба тарзи хаттӣ фаҳмонда, бо мисолҳо ададҳоро ҳисоб мекунанд.

Натиҷаҳои таълим/Салоҳиятҳои фаннӣ. Дар Стандарти фанни математика барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба таълими адад, аломатҳо ва қатори ададҳо натиҷаҳои таълим/салоҳиятҳо (синфҳои 1-4) пешбинӣ шудаанд: Намунаҳои зеринро меоrem:

• ададҳоро мехонад, менависад ва муқоиса карда метавонад;

• таркиби ададҳоро медонад ва бо тартиби зиёдшавӣ ва камшавӣ навишта метавонад;

• аломатҳои математикӣ («+», «–», «•», «:», « », «>», «<», «=») ва маънои онҳоро медонад ва дар амалҳо истифода карда метавонад;

• ададҳоро ба разрядҳо ҷудо карда метавонад.

Алоқаманд кардани математикаи расмӣ ва ғайрирасмӣ.

Истифодаи аломатҳо ё қолабҳои стандартӣ фарқи байни математикаи ғайрирасмӣ ва расмӣ мебошад ва ба хонандагон имкон медиҳад, он чизеро хулоса кунанд, ки аллакай медонанд ва ин хулосаро дар ҳалли масъалаҳои нав татбиқ намоянд. Масалан, хонандагон дар бораи тартиби (алгоритми) иҷрои тарҳи ададҳои дурақама малакаи расмӣ ба даст овардааанд, ин малакаро барои тартиби (алгоритми) иҷрои тарҳ кардани ададҳои серақама низ истифода мебаранд. Математикаи ғайрирасмӣ маҳорате мебошад, ки берун аз муассисаи таълимӣ аксари вақтҳо дар ҳаёти ҳамарӯза, аз ҷумла, ҳангоми бозӣ бе истифодаи аломатҳои математикӣ омӯхта шудаанд. Масалан, хонандагони хурдсол дар ҳаёти ҳамарӯза, ҳангоми шумориданi миқдори ашё, фурӯш ё харидани молу маҳсулот дар бозор ё зимни ёрӣ дар сохтани лонаи кабутар малакаҳои ғайрирасмии математикиро инкишоф медиҳанд.

Хонандагон беҳтар меомӯзанд, агар:

• омӯзгорон математикаи расмиро бо ғайрирасмие алоқаманд карда тавонанд, ки хонандагон онро берун аз дарс низ истифода баранд;

• ба малакаҳои ғайрирасмии математикӣ таваҷҷуҳ намоянд, яъне, малакаҳое, ки берун аз муассисаи таълимӣ (масалан, вазъиятҳои ҳаёти ҳамарӯза, аз ҷумла, ҳангоми бозӣ, ки бе истифодаи аломатҳои математикӣ омӯхта шудаанд).

Дар таълими математика ба навишт ва хондани рақаму ададҳо ва ҳисоббарорӣ бо истифодаи аломатҳои математикӣ диққат дода мешавад. Хонандагон техникаи ҳисоб (ба тартиб шумоpидан, баръакс шумоpидан, ҷуфт-ҷуфт шумоpидан, муқоиса кардан, ададҳои пешоянд ва пасояндро муайян кардан, таркиби ададро донистан, ададҳоро бо тартиби зиёдшавӣ ва камшавӣ навиштан ва ададҳоро пайдарпай ва якчанд адад зиёд ва кам кардан)-ро пурра меомӯзанд. Барои муайян ва андозагирӣ кардани пешрафти омӯзиш дар асоси натиҷаҳои таълим арзёбии ташаккулдиҳанда гузаронда шуда, ниёзи хонандагон дар асоси натиҷаҳо бадастомада пешниҳод карда мешавад:

– ададҳоро мехонад.

– рақамҳоро аз 1 то 10 навишта метавонад;

– ададҳои якум ва охиринро гуфта метавонад;

– адади тоқ ва ҷуфтро номбар карда метавонад;

– ададҳои пешоянд ва пасояндаро гуфта метавонад;

– таркиби ададҳоро гуфта метавонад.

***Ф.НЕГМАТОВА,***
*омӯзгори калони*
*ФДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд*

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

# Равшанибахши зиндагӣ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2023) таъкид карданд: «Ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон бояд ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо таваҷҷуҳи авалиндараҷа дода шавад.

Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд».

Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 - 2030 амалӣ шуда истодааст.

Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд, зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешрафти тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Чунончи Пешвои миллат зикр намуданд, амалӣ кардани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисоди кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Бинобар ин, соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шуд.

Президенти кишвар дар суханрониҳояшон, ҳамчунин, дар Паёмҳои солҳои гузашта иброз дошта буданд, ки гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгарои гумроҳ месозанд .

Махсусан, тариқи шабакаҳои гуногуни интернетӣ, ки мисли замбурӯғи баъди борони баҳорӣ пайваста пайдо мешаванд, мағзшӯӣ доираи муайяни одамон ва ба тарафи худ кашидани онҳо бо ғояҳои зиддимиллӣ ва тафаккури беақлонаю андешаҳои терроризм, ифротгароӣ, бадбинии инсонҳо, зуҳуроти нажодпарастӣ, неофашизм ва ғайраҳо имрӯзҳо дар саросари олам ривоҷ ёфта истодааст.

Аз ин рӯ, иҷрои нуктаҳои Паёми Роҳбари давлат сари масъалаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ метавонад, барои боло бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ нақши муҳиме дошта бошад.

Кормандони прокуратураи ноҳияи Муъминобод айни замон баҳри амалӣ намудани нуктаҳои Паёми Роҳбари давлат вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ тибқи нақшасупоришҳои прокуратураҳои болоӣ ва нақшаи дохилиидоравии прокуратураи ноҳия корҳои муйянеро ба роҳ монда, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, ташкилоту муассисаҳо ва муассисаҳои таҳсилотӣ вохӯрию суҳбатҳои зиёдеро доир ба мавзуъҳои ҳуқуқӣ анҷом дода, ҳамчунин, аз васоити ахбори омма низ истифода мебаранд, ки ин кор дар соли равон низ мутташаккилона идома хоҳад ёфт.

***М. РАҶАБАЛИЗОДА,***
*прокурори*
*ноҳияи Муъминобод,*
*мушовири адлияи*
*дараҷаи 1*

ҶАЛАСА

# Баррасии масъалаҳои ҳалталаб

Дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Раёсати маорифи ВМКБ мудирони шуъба ва бахшҳои маорифи шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Шуғнон, Рошткалъа, Мурғоб, (Дарвоз, Рӯшон, Ишкошим, Ванҷ роҳбарони сохторҳои тобеъ ба таври маҷозӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласа масъалаҳои фаъолияти марказҳои таҳсилоти иловагӣ, вазъи пардохти маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ, таъмин бо либоси мактабӣ, бақайдгирии хатмкунандагон дар нуқтаи Маркази миллии тестӣ, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар давраи тирамоҳу зимистон, таъмини мактабҳо бо кадрҳои педагогӣ, сифати таълиму тарбия муҳокимаву баррасӣ гардиданд.

Таъкид рафт, ки бе ташкили дарсҳои иловагӣ ва ҷалби омӯзгорони варзида ба ин кор сифати таълим беҳтар намешавад. Дар ин кор бахшҳои марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва шуъбаҳои Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар шаҳру ноҳияҳо нақши муассир бояд дошта бошанд.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
*"Омӯзгор"*

БУНЁДКОРӢ

## Бинои иловагии мактаб дар деҳаи Чал-Чал

Дар рӯзҳои баргузории тантанаҳои наврӯзӣ дар шаҳри Норак бинои иловагии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и деҳаи Чал-Чали Ҷамоати деҳоти Дӯконӣ бо фарогирии 200 хонанда дар ду баст мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Бояд гуфт, ки синфхонаҳои иловагӣ бо дастгирии сокинон, ҷалби ҷавонмардони деҳа, кумитаи падару модарони муассиса ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри



Норак бунёд шуда, ба бартараф намудани мушкилии норасоии ҷойи нишаст мусоидат менамоянд

*Одам худро аз ғуломии одам раҳо кард, аммо ғуломи чиз гашт.*
*Фридрих Энгелс*

«Омӯзгор»
№14, 4 апрели
соли 2024

ХЕШТАНШИНОСӢ

# Маърифати аҳли ҷомеаро

*Дар ҳошияи суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар (09.03.2024)*

**Оғоз**

Ҷаҳони муосир зудтағйирёбанда буда, тақозо мекунад, ки ба масоили худшиносиву худогоҳӣ, шинохти асолати хеш ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа ҳамвора таваҷҷуҳ намоем. Вазъи мураккаби ҷаҳон вазифаву рисолати аҳли ҷомеаро боз ҳам бештар намудааст, зеро воситаҳои гуногуни таъсир расондан ба афкори омма ба вуҷуд омада, неруҳои иртиҷоӣ ва тундрав бо роҳҳои гуногун кӯшиш менамоянд, ки фазои орому осудаи кишварро халалдор созанд. Бинобар ин, зарурате пеш омадааст, ки аҳли зиё, фаъолони ҷомеа, ходимони дин дар муборизаҳои иттилоотӣ, бархурдҳои фарҳангӣ пешгом бошанд ва дар решакан намудани тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, терроризму экстремизм ва дигар амалҳои номатлуб саҳми муносиб гузоранд. Маълум аст, ки муборизаҳои абарқудратҳо ва оғози ҷанги сард ҷаҳонро ба марҳалаи нав ворид кардааст. Вазъи мураккаби сайёра ба кишвари мо низ бетаъсир нахоҳад буд ва омилҳои зиёд, аз қабили терроризму экстремизм ва таъсири фарҳанги бегона аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравад. Ба ин маънӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар мулоқот анҷом дода, суханронии пурмуҳтаво ироа намуданд. Дар он бевосита ба масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ва масоили сатҳи маърифатмандии аҳли ҷомеаи кишвар диққати махсус зоҳир карданд. Мусаллам аст, ки суханронии Пешвои миллат домани васеи мавзуотро фаро гирифта, дар меҳвари он тарбияи шоистаи наврасону ҷавонон, баланд бардоштани ифтихори миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, маърифатмандии ҷомеа ва расидан ба қадри истиқлолу озодӣ ва сулҳу ваҳдат қарор дошт.

**Истиқлол ва Ваҳдати миллӣ**

Истиқлолу Ваҳдати миллӣ бузургтарин дастоварди миллати тоҷик маҳсуб меёбанд. Маҳз Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ имкон фароҳам оварданд, ки Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон ҳамчун кишвари ташаббускору созанда ва сулҳпарвар мавқеи сазовор пайдо кунад. Маълум аст, ки бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ кишвар гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ фалаҷ гардид. Миллат пароканадаву давлат дар ҳолати нобудӣ қарор дошт. Дар ҳамин лаҳзаи хатарзо ва ҳассос шахсияте зарур буд, ки ҳастии хешро барои сарҷамъ намудани миллат ва барқарории сулҳу субот фидо намояд. Аз ин рӯ, дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ маҳз Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷасорат ва эҳсоси баланди масъулияти ватандорӣ зимоми давлатро ба даст гирифтанд ва дар аввалин Муроҷиатномаи хеш бар мардуми Тоҷикистон таъкид доштанд:

«Ман ба хонадони Шумо сулҳ меорам ва то охирин фирории иҷборӣ ба Ватан барнагардад, осуда нахоҳам буд!.. Ман барои амну амонии халқу Ватани азизам ҳозирам ҷони худро қурбон кунам!».

Пешвои миллат киштии ғарқшудаи давлатро бо талошу иродат ва руҳи барозанда наҷот бахшиданд ва мардуми пароканадаро ба ҳам оварданд ва кишвар ба марҳалаи нави созандагиву бунёдкорӣ ворид гардид. Ваҳдати миллӣ чун Истиқлоли давлатӣ барои миллати тоҷик ба осонӣ ба даст наомадааст. Аз ин рӯ, истиқлолу озодӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ барои мардуми тоҷик вожаҳои азизу муқаддас буда, арзиши олиро доро мебошанд.

Шоистаи таъкид аст, ки имрӯз раванди бунёдкорӣ дар мамлакат бомаром идома дорад ва ба ҳар гӯшаву канори кишвар сафар намоем, шоҳиди он мегардем, ки мардуми тоҷик бо дасту дили гарм баҳри ободии Ватан заҳмати фаровон мекашанд, ки ҳамаи ин аз баракати истиқлол ва сулҳу субот мебошад. Дар баробари ин, тамоми соҳаҳои хоҷагии



халқ ба пешрафтҳои чашмгир ноил гардиданд. Пешвои миллат дар ин бобат бамаврид таъкид карданд: «Мо имрӯз шукрона мекунем, ки аз баракати Истиқлоли давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии кишварамон, аз ҷумла, дар самти озодии виҷдон шароити созгору мусоид фароҳам гардидааст ва имрӯз шаҳрвандони мо фаризаҳои динии худро озодона анҷом медиҳанд».

Воқеан ҳам, тамоми шароит барои фаъолияти озодонаи шаҳрвандони Тоҷикистон фароҳам оварда шуда, аз як тараф, мардум масъалаҳои эътиқодии хешро анҷом медиҳанд, аз ҷониби дигар, дар раванди бунёдкориву созандагии кишвар заҳмат мекашанд. Истиқлолу ваҳдат аз арзишмандтарин дастовардҳои миллӣ мебошанд, ки ба рушди ҳамҷонибаи соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат карданд. Аз ин рӯ, расидан ба қадри сулҳу ваҳдати миллӣ ва таҳким бахшидани онҳо аз вазифаҳои муҳимми аҳли ҷомеа ба ҳисоб меравад.

**Чопи асарҳо ва бузургдошти шахсиятҳо**

Мусаллам аст, ки бо расидан ба Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ имконоту шароит ҷиҳати шиносондани миллати тоҷик ба асолати хеш ва шахсиятҳои бонуфузи динию мазҳабӣ ва илмӣ ба вуҷуд омад. Аз ин ҷост, ки имрӯз тамоми осори илмию динии мо бо забони тоҷикӣ таҳия ва пешниҳоди хонандагон гардонида шуданд. Дар баробари ин, бузургдошти симоҳои барҷастаи адабиёту фарҳанг ва илмию динии мо дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлил гардиданд, ки Ҷалолиддини Балхӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Муҳаммади Хуҷандӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Чопи асарҳо ва бузургдошти шахсиятҳо имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, фаъолияти ибратбахши онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардад, аз ҷониби дигар, осори мондагорашон дар кишвар ба таври шоиста омӯхта ва муаррифӣ шавад. Ба таъкиди Пешвои миллат, «Бо дастури Роҳбари давлат яке аз тафсирҳои муътабари Қуръони карим – «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Ҳидоя»-и Бурҳониддин Абуҳасан ибни Абубакр, «Саҳеҳ»-и Имом Бухорӣ, «Муқаддима»-и ибни Халдун ва асарҳои дигар мутафаккирони бузурги исломӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр карда шуданд. Мо ин корҳоро барои он кардем, ки мардуми тоҷик хонанд ва донанд – кӣ буданд гузаштагони мову шумо?».

Воқеан, агар ба таърихи илму фарҳанги тоҷик назар афканем ва осори мондагори донишмандони гузаштаамонро ба таври амиқ омӯзем, дармеёбем, ки андешаву осори онҳо бештар ҷанбаи ақлгароӣ дошта, дар онҳо ба омилҳое таваҷҷуҳ шудааст, ки ба ҳаёти ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Ба ин мазмун, имрӯз имкон фароҳам оварда шудааст, ки тамоми қишрҳои ҷомеа асарҳоеро дастрас намоянд ва бевосита фарҳанги миллию динии хешро аз худ намоянд. Осори динии гузаштагонамон ҳамчун ҷузъе аз фарҳанги миллӣ ташаккул ёфта, ба сифати такмилбахши фарҳанги миллӣ хидмат кардааст. Аз ин рӯ, ин рисолат дар замони муосир бояд боз ҳам тақвият бахшида шавад ва тарзе амалӣ гардад, ки мувофиқ ба замон бошад. Зеро оне, ки ҳамбаста ба пешрафти ҷаҳону замон мутобиқ намегардад, маҳкум ба нобудӣ аст. Як нуктаро ба хубӣ бояд дарк намоем, ки вазифаву рисолати аҳли зиё, фаъолон ва ходимони дин, пеш аз ҳама, хидмат ба Ватан аст, на чизи дигар. Пешвои миллат зикр намуданд: «Танҳо соҳибистиқлолӣ ва низоми дунявии давлатамон имкон фароҳам овард, ки миллатҳои гуногун ва пайравони дину мазҳабҳои мухталиф дар кишварамон фаъолияти динию эътиқодии худро дар доираи муқаррароти Конститутсияи мамлакат ва қонунгузории амалкунанда озодона анҷом диҳанд».

**Терроризм ва экстремизм**

Яке аз омилҳои номатлуби ҷаҳони муосир мубориза бо терроризму экстремизм мебошад, ки ҷаҳони муосирро ҷиддан ба ташвиш овардааст. Терроризму экстремизм мисли заҳрпечак тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, мубориза бо терроризму экстремизм дар саргаҳи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Маълум аст, ки бо расидан ба истиқлол кишвари мо гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ гардид ва гурӯҳҳои зиёде бо такя ба идеологияи ғайримиллию динӣ ва таассубу хурофот оташи ин ҷангро доман заданд. Далели ноамниву ҷанг ва хурофоту таассуб, ки дар оғози замони соҳибистиқлолӣ ба сар задани ҷанг сабабгор гардид, ҳанӯз таъсири он дар кишвари мо ба мушоҳида мерасад. Пешвои миллат қайд карданд: «Чӣ гуна бадбахтиҳо овард он ҷанг. Чӣ қадар одамон қурбон шуданд. Беш аз 150 ҳазор нафар кушташудагон, як миллион гурезаҳои иҷборӣ, зиёда аз 50 ҳазор кӯдакони ятим, миллионҳо нафар одамоне, ки азизони худро аз даст доданд ва миллиардҳо сомонӣ зарари иқтисодии он рӯзҳо ҳанӯз аз хотираи мардум нарафтаанд ва дар иқтисодиёту зиндагии мо имрӯз низ эҳсос мешаванд. Дар кишвари ҳамсояи Афғонистон аз ҳисоби гурезаҳои тоҷик даҳҳо қабристони нав пайдо шуд».

Таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳодисаҳои нангини солҳои 90-уми асри гузаштаро набояд фаромӯш кард, балки аз он лаҳзаҳои хатарзо сабақи зарурӣ бояд баровард. Дар ҷомеае, ки арзишҳои миллию фарҳангӣ ба хурофот меомезанд, оқибати фалокатбору хатарафзо дар пай доранд. Дар ин масир, зарур аст, ки мубориза бо терроризму экстремизм ҷиддӣ ба роҳ монда шавад, зеро он пайкараи ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст ва он нафароне, ки ба ин роҳ мераванд, аз ҳеҷ қабоҳат даст намекашанд. Ҳодисаҳое, ки дар гӯшаю канори олам ба вуқуъ мепайвананд, шаҳодати ин гуфтаҳоянд. Масъалаи мазкур дар кишвари мо низ ташвишовар аст ва бояд дар ин самт кӯшиш намуд, ки тамоми қишрҳои ҷомеа аз хатари терроризму экстремизм пайваста огоҳ бошанд ва ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари муборизу маҳкумкунанда бар зидди амалҳои номатлуб, махсусан, терроризму экстремизм шинохта шудааст. Ба ин маънӣ, дар мамлакат қонунҳои махсус ҷиҳати мубориза бо падидаҳои номатлуб қабул гардидааст. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, стратегияҳои миллӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 – 2020 ва 2021 – 2025 қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Бинобар ин, зарур аст, ки аҳли ҷомеа ба ин падидаҳои номатлуб дастаҷамъона мубориза баранд. Дар ин самт мулоқоту суҳбатҳоро дар муассисаҳои таълимӣ, масҷиду ибодатгоҳҳо, марказҳои фарҳангӣ бо иштироки наврасону ҷавонон бояд роҳандозӣ кард. Хусусан, намояндагони ниҳодҳои динӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила фаъолиятро дар маҳалҳо ҷоннок намуда, дар ҳар деҳаву ҷамоат пайваста мулоқотҳо доир намоянд. Мулоқоту суҳбатҳо набояд хушку холӣ, балки фарогиру муассир ва таъсиргузор бошанд. Пешвои миллат дуруст дарёфтаанд: «Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣ густариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад… Борҳо гуфтаам, имрӯз низ баён медорам, ки хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад».

**Илму дониш**

Техникаву технологияи муосир, илму дониш пайваста инкишоф меёбад ва ҷаҳон маҳз ба василаи илму донишу технологияи инноватсионӣ ба пешрафтҳои назаррас ноил мегардад. Замони муосир тақозо мекунад, ки ба масъалаи омӯзиш ва фарогирии илму донишҳои муосир пайваста талош намоем. Яъне, он давлате ба пешрафтҳои чашмрас ноил мегардад, ки дар он ҷойгоҳи илм мавқеи асосиро касб карда бошад ва танҳо илму дониш таассубу хурофотро решакан карда метавонад. Омили асосӣ ва муассири бартараф намудани решаҳои таассубу хурофот ҷалби ҳарчи бештари ҷомеа ба омӯзиши фарогири илмҳои ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Мусаллам аст, ки танҳо бо такя ба дин наметавон ба пешрафт ноил гардид ва ҳамқадами замон буд, баръакс, таассуби динӣ ҷомеаро ба қафо кашида, иддае онро ба манфиати хеш истифода мекунанд. Дар зимн, кӯшиш бояд кард, ки дин ҳамчун ҷузъе аз фарҳанги

**Байни Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва Донишгоҳи шимолу ғарбии Чин шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.**

# баланд бояд бардошт

миллӣ ташаккул ёбад ва эътиқоду боварҳо ҳамбаста ба бунёдкориву созандагиҳо ва омӯзишу мутолиаи илмҳои муосир барои ҷомеа хидмат кунад. Пешрафти ҷомеаи навин талаб мекунад, ки танҳо илм бо қудрати бепоёни худ ҷаҳонро идора мекунад. Онҳое, ки ҳамеша ба омӯзиши илму дониш машғуланд, дар ҷомеа комгору комёб ва нерумандy муваффақ мебошанд. Саволе ба миён меояд: давлатҳое, ки ба пешрафтҳои чашмгир ноил гардиданд ва мардумонаш зиндагии шоиста доранд, бо кадом роҳ ба ин мақсад расиданд? Саволи мазкур танҳо як ҷавоб дорад. Онҳо омӯхтанд, аз дастовардҳои замон бархӯрдор гардиданд, ихтирову кашфиёт карданд, то ин ки ба иқтисодиёти пешрафта ноил гарданд. Яъне, гирехкушои ҳар гуна мушкилот омӯзиш аст ва оне, ки ба омӯзиш сари кор дорад, илмҳои бунёдиро меомӯзад, ҳеҷ гоҳ гирифтори сафсатаҳои дурӯғин ва андешаҳои пучу шахшуда, ки ҳосил аз он ба чуз нороҳативу ноумедӣ ва шикасту бадбахтӣ чизи дигаре нест, нахоҳад шуд. Бинобар ин, бояд омӯзишу мутолиа ва ҳар як амали мо муҷиби пешрафти кишвар гардад. Пешвои миллат таъкид доштанд: «Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки ояндаи Тоҷикистон маҳз аз сатҳи маърифати мардум ва пешрафти илму техника вобаста буда, ҷалби ҷавонону наврасон ба илму дониш ва касбу ҳунар бояд дар маркази таваҷҷуҳи ҳамаи аҳли ҷомеа қарор дошта бошад. Ходимони дин низ вазифадоранд, ки ҷавонону наврасонро ба омӯзиши илму донишҳои дунявӣ, хусусан, фанҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ ҳидоят намоянд».

**Таълиму тарбия**

Масъалаи таълиму тарбияи наврасону ҷавонон аз муҳимтарин вазифаҳои аҳли маориф, падару модар ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Зеро оғоз аз зинаи аввали таҳсил таваҷҷуҳ ба таълиму тарбия бояд ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Аз ин рӯ, таълиму тарбия кори ҳамагонист ва маҳз дар ҳамин давра насли созандаву бунёдкор ва сулҳпарвару донишманд ба камол мерасад. Бинобар ин, масъулият эҳсос намудани аҳли ҷомеа ба таълиму тарбияи фарзанд омили комёбӣ ва пешрафти кишвар мегардад. Шоистаи таъкид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ имконоту шароит ҷиҳати омӯзиш ва фарогирии донишҳои муосир фароҳам оварда шудааст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мактабу маорифро дар меҳвари сиёсат қарор додаанд ва дар ҳар як суханрониву мулоқоти хеш бо аҳли маориф ин нуктаро пайваста таъкид менамоянд. Аз ҷумла, дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат (23.12.2022) қайд намуданд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад».

Яъне, дар таълиму тарбия омӯзгор, падару модар ва муҳити ҷомеа масъулияти баробар доранд. Аз ин рӯ, масъалаи ба омӯзиш ҷалб намудани наврасону ҷавонон дар мадди аввал бояд қарор гирад ва дарсҳо тавре роҳандозӣ гарданд, ки бевосита ба ҳаёт ва пешрафтҳои ҷаҳони муосир созгор бошанд. Барои ин зарур аст, ки дар раванди дарсҳо истифодаи технологияи муосир ва зарурати ҳар як фанро ба наврасону ҷавонон гӯшзад бояд кард. Донистани техникаву технологияи замонавӣ, омӯзиши пайваста ва таҳлили ҳамаҷонибаи авзои ҷаҳон дар ин бобат муҳим мебошад. Дарсҳои тарбиявӣ низ ба таври созгор бояд амалӣ карда шаванд ва мавзӯъҳоеро дар бар гиранд, ки дархури замон бошанд ва дар баланд бардоштани руҳияи худшиносиву худогоҳии миллии наврасону ҷавонон мусоидат кунанд. Тарбия бояд бо таълим дар мактаб тавъам ба роҳ монда шавад ва ҳар як омӯзгоре, ки дарс мегӯяд, новобаста аз омӯзгори кадом фан будан, бояд ҷанбаи тарбиявии онро ба назар гирад. Дар хона бошад, падару модар аз таълиму тарбияи фарзандони хеш ба таври мунтазам огоҳ бошанд, робитаашонро бо мактаб ҷиддӣ ба роҳ монанд. Дар зимн, муҳити ҷомеа низ созгор гардонида шавад ва дар он муҳит омӯзиши илму дониш ва таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар мадди назар қарор гирад, зеро илм бартар аз ибодат аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» рисолати падару модарро дар ин самт ҳамаҷониба мушаххас кардааст.

Тайи чанд соли охир бо дастури Пешвои миллат озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм – фурӯғи маърифат» дар кишвар роҳандозӣ гардидааст, ки ҳадафи он, аз як тараф, дарёфти наврасону ҷавонони болаёқат бошад, аз ҷониби дигар, такмили ҷаҳонбинии илмию фарҳангии онҳо махсуб меёбад.

Пешвои миллат бамаврид таъкид карданд: «Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки танҳо кадрҳои замони нав, яъне, мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир метавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, обод созанд, тараққиёти давлатро таъмин намоянд ва ҷомеаро пеш баранд. Дар ҳазораи сеюм танҳо давлату миллатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки илму дониши пешрафта ва техникаву технологияҳои замонавӣ дошта бошанд. Бинобар ин, ҳар яки мо вазифадорем ва дар назди наслҳои имрӯз ва ояндa барои тақдири Ватан, давлат ва миллат масъулият дорем, ки рӯ ба мактабу маориф оварем, барои фарзандонамон шароит муҳайё кунем, ки бесавод намонанд, илму дониш омӯзанд ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намоянд. Ин вазифаи ҷонии падару модарони азиз, аҳли маориф, роҳбарони тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, зиёиён, фаъолон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли ҷомеа, аз ҷумла ходимони дин мебошад».

**Фарҳанги миллӣ**

Миллати тоҷик таърихи беш аз 6000-сола дошта, ниёгони заковатманди мо дар дарозои таърих анъанаву оин ва расму русуми зиёдро ба ҷаҳониён ба мерос гузоштаанд. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ анъанаҳои миллии тоҷик аз нав эҳё гардиданд. Ба ин маънӣ, дар замони соҳибистиқлолӣ ҷашнҳои қадимаи тоҷик, аз қабили Меҳргон, Тиргон, Сада ва Наврӯз бо анъанаҳои дерини хеш баркарор гардиданд. Дар баробари ин, бо талошҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз байналмилалӣ гардид, ки фалсафаи он эҳёи табиат ва инсон аст. Маълум аст, ҷашнҳое, ки ба табиат ҳамбастаанд, умри безавол доштa, сол то сол такмил меёбанду муҷаллотар мегарданд. Наврӯз ба ҳаёти инсоният иртиботи амиқ дошта, дар баробари покизагии гирду атроф, инчунин, покиву тозагии руҳи инсонро тақозо ва шодиву сурури ҳамбастагии аҳли сайёрaро дар худ таҷассум мекунад. Аз ин ҷост, ки он ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги ҷаҳонӣ пазируфта шуда, имрӯз мардуми сайёра ин ҷашнро дар сатҳи баланд таҷлил мекунанд. Ва ин ҷашн дар Тоҷикистон бо тамоми расму оинҳояш таҷлил мегардад. Дар баробари ин, либосҳои миллии тоҷикӣ низ таърихи дерин доранд ва дар дарозои таърих мардуми тоҷик онҳоро истифода мекунанд, имрӯз низ бояд дар авлавият қарор гиранд. Мусаллам аст, ки либос як ҷузъи асосии фарҳанги миллӣ буда, тарғибгари кишвар дар арсаи ҷаҳон мебошад. Бинобар ин, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, либоси миллӣ – адрасу атлас, ки ҳуснбахши бонувони кишвар мебошанд, зарур ва ҳатмӣ мебошад. Ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасад: баъзе нафарон либосҳои бегонаро ба бар менамоянд, ки ин омил, аз як тараф, ихтилофро дар ҷомеа ба вуҷуд орад, аз ҷониби дигар, тарғиби фарҳанги бегона аст. Ба ин масъала низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ бояд зоҳир кард ва либосҳоеро ба бар кард, ки инъикосгари кишвари мо дар арсаи ҷаҳон бошанд. Набояд ба он роҳ дод, ки либоси миллии халқҳои дигар дар кишвари мо мавқеъ пайдо бикунанду ҷузъе аз фарҳанги миллии мо бигардад ва ихтилофоту нобаробариро дар миёни ҷомеа ба вуҷуд оранд. Пешвои миллат барҳақ зикр карданд: «Модарону бонувони мо – тоҷикон тарзи хоси либосҳои миллии худро доштанд ва онро ба мо мерос гузоштаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо дар баробари зебоиву рангорангӣ меъёрҳои ахлоқиву эътиқодии мардуми бостонии моро инъикос мекард. Аз ин лиҳоз, мо бояд ба хотири ҳифзи асолат ва арзишҳои миллӣ воридшавии либосҳои ба ном диниро, аммо ба урфу одат ва фарҳанги мо бегонаро пешгирӣ намоем. Магар ба ҷойи тақлид ба либоси бегона босаводу боиффат будан, эҳтироми падару модар ва шавҳарро ба ҷо овардан беҳтар нест?».

**Маърифати ҳуқуқӣ**

Донистани қарору қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва дар доираи онҳо амал намудан низоми дурустро дар ҷомеа таъмин мекунад. Масъалаи зикршуда дар замони муосир аҳамияти баландро доро мебошад. Зеро оне, ки қонунҳои миллию байналмилалиро намедонад ва дар доираи онҳо амал намекунад, ба мушкилоти зиёд гирифтор мешавад. Бо пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид. Ин ба он маъност, ки бояд шаҳрвандони кишвар ҳаққу ҳуқуқҳои худро донанд ва меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти ҷамъиятиро риоя кунанд. Гузашта аз ин, донистани қонунҳо кифоябахш нест, балки онҳоро маърифат бояд кард. Мафҳуми маърифат фарогир буда, тақозо мекунад, ки аҳли ҷомеа диққати аввалиндараҷаро ба дарку шинохти ва риояи қонунҳо равона бисозанд. Зеро фаъолият намудан дар заминаи қонунҳои амалкунанда, ки ба рушди кишвар равона шудаанд, ба пешрафти мамлакат мусоидат мекунад. Бинобар ин, ҳар як шаҳрванди кишвар амалҳоеро, ки анҷом медиҳад, бояд дар доираи қонун сурат гирад. Дар «Соли маърифати ҳуқуқӣ» бошад, бояд корҳое анҷом дода шавад, ки муассиру таконбахш бошанд. Дар зимн, бояд барномаи мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа таҳия ва амалӣ карда шавад. Дар ин замина, пеш аз ҳама, зиёд намудани барномаҳои телевизионию радиоӣ, навиштаҳои матбуотӣ ва чорабиниҳои фарогири ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба мақсад мувофиқ аст. Чоп намудани дастуру китобҳои хурд ва дастрас намудани онҳо ба тамоми қишрҳои ҷомеа муфид хоҳад буд. Қонунҳоро риояву эҳтиром намудан, аз як тараф, сатҳи ҷиноятқориро дар ҷомеа кам кунад, аз ҷониби дигар, ба вусъати фаъолияти институтҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Пешвои миллат таъкид доштанд: «Тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмин намудани волоияти он, ба роҳ мондани усули ҳамкории самараноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мебошад. Дар робита ба ин, мақомоти дахлдори давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аҳли ҷомеа, хусусан, ходимони динро зарур меояд, ки ҷиҳати боло бурдани сатҳи маърифатнокии аҳолии кишвар, аз ҷумла, дарки амику бечунучарои муқаррароти моддаи якуми Конститутсия, ки тибқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи иҷтимоӣ мебошад, махсусан, доир ба моҳияти дунявии давлат масъулияти бевосита зоҳир намоянд».

**Дӯст доштани Ватан аз гӯшаи имон аст**

Дар замони ҷаҳонишавӣ масъалаи ватандӯстии шаҳрвандон дар меҳвар бояд қарор дошта бошад. Дӯст доштани Ватан ва ифтихор намудан аз сарзамин ба мо имкон медиҳад, ки барои ҳимояи он ҳамеша омода бошем. Масъалаи ифтихори миллӣ бояд аз зинаи аввали таҳсил дар мактабҳои миёна оғоз ёбад. Аз ин рӯ, бояд ҳангоми таълиму тарбия ба мавзӯъҳое таваҷҷуҳ намоем, ки ҳисси ифтихори наврасону ҷавононро аз сарзамин такмил бахшад. Дар ин роҳ наметавон танҳо бо суханҳои хушку холӣ ба афкори омма таъсири амиқ гузошт, балки он бояд ҷузъе аз зиндагии ҳамарӯзаи мо қарор дошта бошад. Ифтихори ватандорӣ ва шукр намудан аз ин сарзамин ба мо неру мебахшад, ки боз ҳам дар ободию пешрафти он саҳми бештар гузорем.

**Анҷом**

Суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар пурмӯҳтаво ва дархури замон буда, вазифаҳои зиёдро барои аҳли ҷомеа ба миён гузошт. Суханронии Сарвари давлат ба таври фарогир аз ҷониби институтҳои таҳқиқотиву пажуҳишӣ, муассисаҳои таълимӣ бояд омӯхтаву мушкилоте, ки дар он зикр шудааст, маърифат карда шавад ва роҳҳои ҳалли проблемаҳои мавҷуда миёну мушаххас гардад. Ба гумони мо, зарур аст, ки дар асоси нуктаҳои суханронии Пешвои миллат корҳои зерин анҷом дода шавад:

**Якум,** зарур аст, ки суханронии Сарвари давлат дар баробари он ки тавассути телевизион ба мардуми кишвар намоиш дода шуд ва дар матбуоти даврӣ ба нашр расид, дар муассисаҳои диниву фарҳангӣ ва масҷидҳо ба тамоми қишрҳои ҷомеа шарҳу тавзеҳ бахшида шавад.

**Дуюм,** дар муассисаҳои таълимӣ низ аз ҷониби устодону омӯзгорон ва коршиносон нуктаҳои он таҳлилу арзёбӣ гардида, рисолати наврасону ҷавонони тоҷик дар замони муосир таъкид карда шавад.

**Сеюм,** ба омӯзиши фанҳои бунёдӣ диққати асосӣ зоҳир гардида, хурофоту бегонапарастӣ ва суханҳои пучу бепоя, ки ҳеҷ аҳамияте дар замони ҷаҳонишавӣ надоранд, канор зада шавад.

**Чорум,** аҳли ҷомеа, падару модарон низ вазифадоранд, ки дар раванди таълиму тарбияи фарзандон бетараф набошанд, барои аз худ намудани донишҳои замонавӣ ва соҳиби касбу ҳунари мувофиқ гардидани онҳо ҳамвора талош намоянд.

**Панҷум,** дар меҳвари маъвизаю суханрониҳои ходимони дин арзишҳои миллӣ, ифтихори ватандорӣ, расидан ба қадри истиқлол, сулҳу субoти кишвар дар авлавият қарор гирад ва мардум дарк намоянд, ки дин ҷузъе аз фарҳанги миллӣ ҳисоб ёфта, дар пешрафти давлатдории миллии мо хидмати босазо анҷом медиҳад.

***Эҳсон САФАРЗОДА,***
***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***номзадҳои илмҳои филологӣ***

**Бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2024 ниммарафони XIV байналмилалии Душанбе баргузор мегардад.**

*Аз сарнавишт ҷойи гурез нест; ба кардаҳо бояд ҷавоб гуфт.*
*Фридрих Энгелс*

«Омӯзгор»
№14, 4 апрели
соли 2024

ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ

# Ситоишгари хираду ҳунар




Ҳикмати дерину мақбулест, ки «зиндагиро накукорӣ моҳияту сафо бубахшад». Воқеан, пайваста ба омоли нек гаравидан касро хушбахту обрӯманд ва маҳбуби ҳамагон мекунад. Накукорӣ тавъам бо шаъну шараф, иззату эҳтиром ва бахту саодат аст, василаест, ки одамонро ба куллаҳои мурод мерасонад, ному ком мебахшад. Афроди накукор ҳама ҷо сарбаланду номвар ва бархурдор аз эҳтирому эътиқоди ҳамагонанд. Дар водии зарнисори Ҳисор чунин афрод зиёданд ва яке аз онҳо омӯзгор ва адиби варзида Ҳакималии Назаралист. Ӯ беш аз ним аср мешавад, ки бо сухану бо қалам дар хидмати халқи азизи худ қарор дорад. Шасту шаш сол (!) боз дар мактаби зодгоҳаш – муассисаи таълимии №17-и деҳаи Ғуриёти шаҳри Ҳисор ба таълиму тарбияи насли наврас машғул аст. Омӯзгорест комёбу муваффақ, хушсухану хирадманд ва писандидаи шогирдону маслиҳатгари ҳампешагон. Пайваста аз пайи омӯзишу мутолиа аст ва ҳикмати «Маёсой аз омӯхтан як замон»-ро шиори зиндагӣ пазируфтааст. Ҳамбаста бо омӯзгорӣ солҳои тӯлонист, ки ба эҷодкорӣ гаравиш дорад. Бавусъат аст доираи мавзуоти навиштаҳояш, вале бартарии мавзуи ситоиши омӯзгор ва таблиғи илму дониш дар эҷодиёти ин қаламкаши чирадаст равшан ба мушоҳида мерасад. Силсилаи бардавоми мақолаҳояш аз рӯзгорони файзбору фаъолияти пурсамари омӯзгорони варзида, таҷрибаи судманд ва корҳои мондагори онҳо ба таври муъҷазу дилчасп ва муассир ҳикоят мекунад. Китоби нави Ҳакималии Назаралӣ – «Зебоипарастони диёр» (Душанбе, чопхонаи «Мулквар», соли 2024, 456 саҳ.) низ бо мақолае зери унвони «Омӯзгори накуном» ҳусни оғоз пазируфта, ки дар он сухан аз фаъолияти доманадори омӯзгори собиқадори шаҳри Ҳисор Убайдулло Саъдуллоев аст, омӯзгоре, ки дар баробари комёбиҳои дар таълиму тарбияи мактабиён дар ободонии мактабҳои шаҳр ва тақвияти фаъолияти аҳли маориф, тарғиби таҷрибаи судманди онҳо кӯшиши зиёд ба харҷ додаю ба муваффақиятҳо дастрасӣ пайдо кардааст.

Бад-ин минвол, дар чанд мақолаи дигари Ҳ.Назаралӣ омӯзгорон қаҳрамонони меҳварианд ва корномаи онҳо хеле ҳикматбору ибратбахшу омӯхтанист.

Ин омӯзгору адиби пуркор нисбат ба аҳли илму ҳунар, сухану адаб ва нисбат ба накукорону саховатпешагон ихлосу эҳтироми самимӣ дорад ва бо неруи қалам ситоиши онҳо мекунад, ҳамду саноишон мегӯяд. Ин гуфтаҳоро силсилаи дигари мақолаҳои китоби «Зебоипарастони диёр» собит мекунад. Ба гунаи мисол, дар мақолаи «Ҳунарманд ҳар ҷо бувад сарфароз» ҳунари усто Ятим ва хислатҳои наҷиби ӯ ситоиш мешавад. Мӯзадӯзӣ мекунад усто Ятим ва бештар на ба сарват, балки ба саховат арҷ мегузорад, хушмуомилаю раҳмдил аст. Дар мақола омадааст: «Ҳунарманд дар чашми мардум азиз аст… Ҳунарманд зебоӣ меофарад, зебоӣ бошад, зиндагиро зебу фар мебахшад. Ширину дилпазир мекунад… Одамро бо ҳунараш мешиносанд, на бо пайкораш!» Қаҳрамонони ин силсилаи мақолаҳои китоб табибу дӯзандаю осиёббону хаткашону ронандаю афсару тоҷиру бинокору рӯзноманигору боғбонанд ва низ соҳибони ҳунарҳои дигар. Ҳ.Назаралӣ ба касбе бартарӣ қоил нест; ҳамаи касбҳоро муҳим ва дархӯри зиндагии мардум медонад, батакрор таъкид мекунад, ки ҳунармандӣ шарафмандист ва бо ифодаи шоир ҳушдор медиҳад:

***То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,***
***З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.***

Дар китоби «Зебоипарастони диёр» мақолаҳое низ ҷой доранд, ки ба тавсифи эҷодиёти шоирони машҳури тоҷик ва вежагиҳои зиндагии қаламкашони алоҳида бахшида шудаанд. Ҳ. Назаралӣ омӯзгору эҷодкорест дорои ҳувияту ифтихори баланди миллӣ, Ватани маҳбубро самимона дӯст медорад ва ба ҳар пораи марзи диёр, ба ҳар гулу хору хаси он эҳтирому эътиқод дорад. Посдору арҷгузории муқаддасоти миллат аст. Аз ин ҷост, ки дар мавзуъҳои таъриху забони миллат, қаҳрамонони халқи тоҷик ва ватандӯстию садоқатмандӣ мақолаҳои пурмуҳтавою муассиру меҳрбунёд нигошта, хонандагонашро ба меҳанпарастию хештаншиносӣ даъват кардааст. Дар нигоштаҳояш аз абёти баландмазмун, ҳикоёти ҳикматбор, далелҳои ҷолиб ва панду андарзи ниёгон бамавриду фаровон истифода намудааст, ки ин ба боз ҳам дилрасу пурсуду ҷолибу фарогир шудани онҳо мусоидат карда.

Мақолаҳои китоби «Зебоипарастони диёр» дар умум ба мо омӯзгору эҷодкореро муаррифӣ мекунанд, ки назари фарох, дили хайрхоҳ ва гуфтори самимию дилчасп дорад, як фарди кӯшову иродатманду садоқатпешаи диёр аст ва таманнои онро дорад, ки аҳли Ватан зиндагии шоиставу ҳамбаста ба бахту саодат ва фазлу хирад дошта бошанд.

Чун китоби «Зебоипарастони диёр» ба ифтихори 75-солагии муаллиф ба нашр расидааст, дар он ба рамзи арзи сипос як даста гузоришу мақолаю шеър зери унвони «Пажуҳиш ва таманниёт» замима гардидааст, ки ифодагари назари неку эътиқоду эҳтироми гурӯҳе аз қаламкашону омӯзгорону дӯстону ҳаводорони каломи бадеъ нисбат ба осору шахсияти Ҳакималӣ Назаралӣ мебошад. Муаллифони ин нигоштаҳо ба эҷодиёти адиб, ки бештар иборат аз ҳаҷв аст ва ба маҳорати омӯзгории ӯ, ки бо комёбиҳо ҳамбаста мебошад, баҳои баланд дода, аз ҷумла, таъкид кардаанд: «…Ҳакималӣ Назаралӣ дар чанд ҷабҳа азму талошу фаъолият дорад; ҳам омӯзгор асту ҳам нависанда, ҳам рӯзноманигору ҳам китобдор. Ва хушбахтона, дар ҳамаи ин самтҳо муваффақ аст, дастовардҳо дорад. Ҳамеша кӯшиш бар он мекунад, ки ба манфиати адабиёту маориф, халқу Ватан, диёри азиз кори шоистаеро ба сомон расонад. Инсони шарафманд аст ӯ».

Китоби «Зебоипарастон-и диёр»-и адиб ва омӯзгори номвар Ҳакималии Назаралӣ ҳам аз ҷиҳати мазмуну мухтаво, ҳам аз нигоҳи сабку услуб ва ҳам аз лиҳози фарогирии мавзуъҳо ҷолибу рангин ва шоистаи таваҷҷуҳ буда, мутолиаю омӯзиши он барои доираи васеи хонандагон, ба вежа, аҳли адаб ва таълиму тарбия хеле судманд хоҳад буд.

***Абдурауф МУРОДӢ,***
***«Омӯзгор»***

ТОЗАНАШР

# Дастуре барои омодагӣ ба олимпиада

Дар кишвари мо ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Зеро омӯзиши фанҳои бунёдӣ, аз як тараф, ҷанбаи илмии муҳассилинро такмил бахшад, аз ҷониби дигар, ба пешрафти ҳамаҷонибаи мамлакат мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ роҳандозӣ ва дар муассисаҳои таълимӣ имконоту шароити мусоид ҷиҳати омӯзиши фанҳои мазкур фароҳам оварда шуда, китобу дастурҳои зиёд чоп гардидаанд. Инак боз як китоби нав дар ин самт таҳти унвони «Математика – тайёрӣ ба олимпиада» (муаллифон: М. Маҳкамов, У. Чориев. – Душанбе, 2023. – 416 с.) ба нашр расид. Дар китоби зикршуда намунаи мисолу масъалаҳо барои тайёрии хонандагон ба олимпиадаи мактабӣ аз математика оварда шудааст, ки басо ҷолибу шавқовар мебошад. Мусаллам аст, ки ҳадафи баргузории олимпиадаҳо такмил бахшидани шавқу ҳаваси хонандагон, ҷалб намудани онҳо ба омӯзиши амиқи математика, санҷиши қобилияти хонандагон дар ҳалли масъалаҳои математикӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, тақвияти истеъдоди онҳо ва дарёфту муаррифии хонандагони болаёқат маҳсуб меёбад. Дар зимн, дар китоби мазкур кӯшиш карда шудааст, ки мисолу масъалаҳо ба қадри имкон содаву фаҳмо пешниҳоди хонандагон гардонида шаванд. Муаллифони китоб таъкид кардаанд: «Мо ин китобро, махсусан, ба хонандагоне, ки бо омӯзиши чуқур ва ҷиддии математика машғул шудан мехоҳанд, тавсия мекунем, чунки дар замони ҳозира азхудкунии ҳамаи касбҳо дониши хуби математикиро тақозо менамояд».




Шоистаи таъкид аст, ки китоби мазкур дар баланд гардидани шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши математика ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон муфид мебошад. Китоби «Математика – тайёрӣ ба олимпиада» барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, роҳбарони маҳфилҳои математикӣ, хонандагону донишҷӯён ва дӯстдорони математика хидмати арзанда хоҳад кард.

***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

ҲИФЗИ ТАБИАТ

# Ҷанбаҳои ҳуқуқии маърифати экологӣ

Барои рушди соҳаи экология фаъолияти олимони соҳаи мазкур муҳим аст. Бо мақсади инкишоф додани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими дурусти онҳо қонунгузории экологӣ низ нақши асосӣ мебозад.

Барои риоя кардани талаботи пешбиникунандаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба экология барои субъекти муносибатҳои мазкур фаҳмиш, шуур ва маърифати муайяне лозим аст, ки онро метавон ҳамчун «талаботи ақаллӣ» ҳисобид. Барои дар шахс рушд додани шуур ва маърифати солими экологӣ, албатта, нақши оила ва муассисаҳои томактабиву мактабӣ муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуз аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», ҳамчунин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2013», «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷкистон барои солҳои 2009-2019», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар бораи татбиқи Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019», Барномаи давлатии тарбия ва маълумоти экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000» ва дар давраи то соли 2010 қабул карда шуда, мавриди амал қарор гирифтаанд.

Барои рушди маърифати экологӣ қонуниятҳои илми педагогика хеле назаррас мебошад. Ҳар қадар аз муассисаҳои томактабӣ то муассисаҳои олӣ кормандон аз дониши мукаммали педагогӣ бархурдор бошанд, ҳамон андоза раванди қабули донишҳои экологии шунавандагон самарабахш мегардад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон (28 декабри соли 2023) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шароити ҳар чи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд.

Динамикаи инкишофи маърифати экологӣ нишондоди якхела надошта, ба таври нобаробар арзи вуҷуд менамояд. Албатта, ин боис ба он мегардад, ки маърифати экологӣ ба инфиродӣ (яъне шахсони алоҳида) ва умумиҷамъиятӣ (яъне, аҳолӣ) ҷудо карда шавад.

Ба гурӯҳи якуми маърифати экологӣ мо метавонем шахсони дорои маълумоти махсуси экологидошта ва кормандони сохторҳои давлатии соҳавиро ворид намоем, ки онҳо ба ғайр аз доштани маърифати умумии экологӣ боз донишҳои муайяни гирифтаашонро дар амал татбиқ намуда, ба дигарон барои густариши самти мазкур мусоидат менамоянд. Яъне, онҳо дорои шуури касбии экологӣ мебошанд.

Ба гурӯҳи дигар шахсоне дохил мешаванд, ки маърифати экологии гуногунсатҳро доро буда, қисми асосии бавуҷудорандаи муносибатҳои экологиро ташкил медиҳанд.

Маърифати экологии аҳолӣ аз зинаҳои зерин иборат мебошад:

- маърифат ва тарбияи экологии томактабӣ (маърифати экологӣ дар оила ва муассисаҳои томактабӣ), дар зинаи таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, олии касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ, махсус ва иловагӣ, маърифати экологии табақаҳои васеи аҳолӣ, аз он ҷумла, дар Қувваҳои Мусаллаҳ ва ғайра.

Таълими фанҳои марбути экологияи ҳамаи зинаҳои таҳсили системаи маориф бо риояи меъёрҳои давлатии таҳсилот ба роҳ монда мешаванд.

Барои дорои маърифати солими экологӣ шудани тамоми аҳолӣ зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои муассисаҳои таълимӣ фанни мувофиқ роҷеъ ба маърифати экологӣ ҷорӣ карда шавад.

Дар воситаҳои ахбори оммаи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ пахш ва нашр намудани барнома ва маводи муфид оид ба масоили экологӣ омили саривақтист.

Зарур аст, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ назорати иҷрои қонунгузории экологии амалкунанда, алалхусус, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» такмил дода шавад.

***Раъно ҚӮЗИЕВА,***
***омӯзгори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,***
***Макнуна АХМЕДОВА,***
***донишҷӯ***

**Соли равон дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин 41 иншоот ба истифода дода мешавад.**

ЗАҲМАТҚАРИН

# Пайвандгари наслҳо

Насиба Ҳайдарова 22 сол боз дар МТМУ №2, ноҳияи Деваштич ба таълиму тарбияи шоистаи насли наврас машғул аст. Дар ин муддат ӯ чун омӯзгори хушсалиқа мутмаин шуд, ки табиби камсавод агар дар табобат хато кунад, фақат ба чанд нафар осеб мерасонад, вале агар омӯзгор камсавод бошаду ба хато роҳ диҳад, ҷамъиятро ба вартаи нобудӣ мекашад. Аз ин рӯ, меомӯзад, аз усулҳои муосири таълим бархӯрдор гашта, аз воситаҳои техникии таълим истифода мебарад.

Бонуи фидокор гуфтаҳои педагогҳои бузургро сармашқи кори худ карда, барои аз рӯйи он амал кардан доимо кӯшиш менамояд. Чунончи: «Муаллим, то даме ки зиндааст, меомӯзад. Ҳамин ки аз омӯхтан бозмонд, симои муаллимиаш низ барҳам мехӯрад» (К.Д.Ушинский), «Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли нав хидмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт» (А.С. Макаренко).

Натиҷаи фаъолияти омӯзгории муаллима ҳамеша чашмрас аст. Бубинед, аз 18 нафар хатмкунандаи соли хониши гузашта 16 нафар ба макотиби олии кишвар ва Россия дохил шудаанд. Бартарияш дар кор ин аст, ки ба шогирдон доноиши тайёр намедиҳад, балки бо аҳли синф дар ёфтани роҳи беҳтарини ба даст овардани донишу ташаккули малакаю маҳорат ва салоҳиятҳо, ки боиси инкишофи шахсият мегарданд, кумак менамояд. Муаллима бартарии усулҳои фаъоли таълимро аз анъанавӣ ба хубӣ дарк карда, бо ин роҳ дар дили шогирдон меҳри илму дониш, китобу мактабро ҷойгир менамояд. Пайваста аз усулҳои муосири таълим, ба монанди «Кластер», «Рӯзномаи дусебахша», «Печутоб», «Занҷирҳои печидаи мантиқӣ»,



«Нигористон» ва ғайра дар раванди таълим фаровон истифода намуда, шавқу завқи шогирдонро ба омӯзиш бедор менамояд.

«Муаллими ҳақиқӣ ҳамонест, ки дониши ӯ дониши хонандагонаш гардад», - гуфтааст Менделеев. Маҳз дониши пайваставу дӯстдории касб, муносибати самимиву модарона ва ҳақиқатпарастии муаллима аст, ки имрӯз шогирдонаш, ба монанди Улмасой Иброҳимова, Мадина Иброҳимова, Фарзона Раҷабова ва Бахтигул Нарзуллоева паҳлу ба паҳлу бо устоди худ ба шогирдон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷику забони давлатӣ дарс мегӯянд. Ин далели он аст, ки муаллим пайвандгари на танҳо наслҳо, балки солҳову асрҳост ва ба туфайли шогирдони баркамоли худ бузургӣ меёбаду номаш дар қалбҳо ҷовидона маскан мегирад.

*Малоҳат ЮСУФОВА,*
*омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарии ФДЧТИБКСМ дар вилояти Суғд*

СИМО

# Омӯзгори муваффақ



Холмурод Бобоев мактаби миёнаро соли 1989 хатм карда, хуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб) супорид ва сазовори номи баланди донишҷӯ гардид. Ин ҷо аз устодони маъруф Аламхон Кӯчаров, Қаюм Сангов, Саидкул Сабзаев, Раҳим Саидов, Искандар Икромов, Нозим Баротов, Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров сабақ гирифта, соли 1994 донишгоҳро бомуваффақият хатм намуд. Ҳамон сол ба мактаби миёнаи рақами 6-и зодгоҳаш - деҳаи Шаҳрибарбари ноҳияи Шӯрообод (ҳоло Шамсиддин Шоҳин) ба кор омад. Аз рӯзҳои нахустини фаъолияташ дарсҳояшро бо омодагии пухта, бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим, асбобҳои аёнӣ хеле ҷолиб ва пурмазмуну хотирмон мегузаронид.

Дар даврони авҷи бесарусомониҳо солҳои 90-уми асри ХХ сатҳи зиндагии мардум хеле паст гардид. Бархе аз омӯзгорон аз сабаби мушкилоти моддӣ ва маоши ноқифоя мактабро тарк карданд. Вале Х. Бобоев, бо вуҷуди ҷавон буданаш, касби хешро тарк накард.

- Якуми сентябри соли 1996 буд,- он рӯзхоро ба ёд меорад устод, - ба мактаб мудири маорифи ноҳия Раҳмонхӯҷа Мирзоев (руҳаш шод бод) ташриф оварданд. Дар ҷамъомади тантанавие, ки ба муносибати Рӯзи дониш дар саҳни мактаб баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуда, хонандагону омӯзгоронро бо соли нави таҳсил муборакбод кард. Сипас, бо омӯзгорон дар алоҳидагӣ суҳбат намуда, аз вазъи ногувори мактабҳо, ки аз сабаби нарасидани омӯзгорон ба амал омада буд, ибрози нигаронӣ кард:

-Шуморо, ки дар чунин рӯзҳои душвор мактабро тарк накарда, ба таълиму тарбияи насли наврас машғулед, ман қаҳрамони миллат мешуморам ва ба ҳар яки шумо арзи сипос менамоям. Танҳо омӯзгори асил метавонад, ки дар чунин вазъияти басо мушкил дар паҳлуи шогирдон истода, онҳоро илму дониш омӯзад, тарбия кунад. Номи шумо дар саҳифаи таърих бо хатти зарин сабт хоҳад шуд.

-Ин суханони мудири маориф маро руҳбаланд намуда, водор сохтанд, ки беш аз пеш дар кори худ устувор бошаму ба шогирдон сидқан таълиму тарбия диҳам, дарси мардонагиву ҷавонмардӣ, хештаншиносиву ватанпарастиро омӯзам, - иброз медорад устод.

Х.Бобоев наздики 30 сол аст, ки дар таълиму тарбияи насли наврас бе танаффус заҳмат мекашад, ҳамеша сертараддуду пурғайрат, серҳаракату зиндадил фидокор.

Комёбии ҳар як омӯзгор вобаста ба донишу малака, таҷриба ва маҳорати ӯст. Зеро илму дониш дар ҳар давру замон қадру манзалати инсонро баланд мебардорад. Ин аст, ки кӯшиш менамояд, шогирдонро бо донишҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ мусаллаҳ намояд. Шогирдони устод низ ба омӯзиш ва пайдо намудани маълумоти нав шавқу завқи беандоза доранд. Аз ин рӯ, онҳо ҳар як дарси устодро бесаброна интизорӣ мекашанд. Тавассути дарсҳояш ӯ хонандагонро дар руҳияи баланди худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, эҳтироми муқаддасоти миллӣ, омӯхтани таърихи пурифтихори ниёгон ва осори пурганавату бегазанди онҳо, инчунин, дорои тафаккури интиқодию эҷодӣ ва ҳамаҷониба рушдёфта тарбия менамояд. Шогирдони устод борҳо дар озмуну олимпиадаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, соҳиби ҷойҳои намоён ва ҷоизаву ифтихорномаҳо гардидаанд.

Х. Бобоев ҳамчун омӯзгори эҷодкор дар баробари таълиму тарбияи шогирдон роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни мубрами рӯзмарра мақолаҳои ҷолиби илмиву методӣ ва тарбиявӣ эҷод менамояд. Бо нашрияҳои зиёди кишвар ҳамкории доимӣ дорад ва бо ному насаби Холмурод Ғиёспур мақолаҳо ба чоп мерасонад.

Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон устод Холмурод Бобоев дар лаҳзаҳои фориғ аз дарс низ пайваста дар ҳалқаи шогирдон буда, роҳнамову маслиҳатгар ва мутаккои онҳост. Ин аст, ки шогирдонаш ба ӯ меҳр баставу иззату эҳтиромаш мекунанд. Зиндагинома ва фаъолияти омӯзгории ӯро метавон, намунаи олии садоқат ба соҳаи илму маориф, фидокорӣ дар самти таълиму тарбияи насли наврас номид.

*Муҳибаи ХОЛМУРОД,*
*омӯзгори МТМУ №41-и шаҳри Кӯлоб*

# Омӯзгори асил

Омӯзгор бузургтарин шахс дар ҷомеа мебошад, шахсест, ки ҳама эҳтиромаш мекунанд, сари таъзим бо ихлосу эътиқод дар наздаш фуруд меоваранд. Ситоиши омӯзгор ҳамеша вирди забонҳост, ҳама меҳри омӯзгор ба дил доранд. Бузургонамон фармудаанд, ки «Агар дар дилат меҳри устод нест, Ба дасти умеди ту чуз бод нест». Агар ҳама гуфтаҳои пурмуҳаббатро дар бораи омӯзгор гирд овардем, ҷилд-ҷилд китоб таҳия хоҳад шуд.

Пешвои миллат, Сарвари кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши омӯзгорон самимона ва бо меҳру эътиқод гуфтаанд: «Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад. Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад». Хушбахтона, дар Тоҷикистони азизу соҳибистиқлоли мо аксари кулли алоқамандони таълиму тарбияро метавон ҳамчун омӯзгори асил муаррифӣ кард. Онҳо дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ фаъолияти пурсамар доранд. Дар деҳаи начандон калони мо - Мадм, ки дур аз марказҳо, дар оғӯши кӯҳсори сарбафалаки ноҳияи Айнӣ ҷойгир аст, омӯзгорони асил зиёданд ва яке аз онҳо устоди азизу маҳбуб ва собиқадор Гадобой Раҳматуллоев мебошанд. Устод ҳоло 87 сол доранду давлатӣ пирӣ меронанд. Беш аз 60 соли умри пурбаракаташонро сарфи таълиму тарбия ва роҳбарӣ ба хоҷагии деҳқонӣ кардаанд. Ман хушбахтам, ки чун якуми сентябри соли 1987 бори аввал қадам ба остонаи мактаб ниҳодам, маҳз устод Гадобой Раҳматуллоев пешвозам гирифтанд, дар партаи мактабӣ шинонданд, навозишам карданд ва устоди аввалинам шуданд. Устод нисбат ба ҳар яки мо, ҳамсинфон, падарона муносибат мекарданд, хеле нарму ҳалимона сухан мегуфтанд. Мо устоди худро самимона дӯст медоштем ва ба ҳар суханашон эътиқод мебастем. Ба шарофати маҳорати баланди омӯзгори нахустинамон зуд хату савод омӯхтем, китобхон шудем ва ба омӯзиш дил бастем. Хеле самимию муассир ва ҳалимона сухан мегуфтанд устод ва ба мо вобаста ба ин ё он мавридеи мавзуе пораҳои шеърии пурҳикмат, байти баландмазмун ва ҳикояту афсонаи пандомӯзу шавқовар мегуфтанд. Мо дар дарсҳои устод худро озоду болидарух эҳсос мекардем ва ҳар як машғулияти эшонро бесаброна, бо шавқу завқ интизор мешудем. Зинаи аввали таҳсилро бо роҳбарии устод хатм кардем ва ҳама, ба қавле, доноияк шудем. Омӯзгори арҷманди мо Гадобой Раҳматуллоев ҳам дар мактаб, ҳам дар деҳа ва ҳам дар ноҳия соҳибэҳтироманд, шогирдони зиёд доштанд. Аз ин рӯ, вақте ки дар солҳои навадуми асри бист дар заминаи дигаргуниҳо дар кишвар дар деҳаи мо хоҷагии деҳқонӣ таъсис дода шуд (бо номи «Наврӯз»), аҳли деҳа якдилона устоди азизи моро сарвари ин хоҷагӣ, ки маънои сарварӣ ба деҳаро дошт, интихоб карданд. Дар ин вазифа устод бо камоли масъулият кор карда, ҳам дар ободонии деҳа, ҳам дар таъмини некуаҳволии мардум ва ҳам дар такмили сатҳи таълиму тарбия дар мактаби деҳа ҳиссаи сазовор гузоштанд. Ҳоло ман ифтихор аз он дорам, ки дар пайравии устодам Гадобой Раҳматуллоев ба омӯзгорӣ машғулам. Шуълаи меҳр ба пешаи омӯзгориро дар дили ман ва ҳамсабақони собиқаму ҳампешагони имрӯзаам Фарангис Турсунова ва Манзура Қурбонова маҳз устоди аввалинамон фурӯзон кардаанд.

Ба устод Гадобой Раҳматуллоев, ки ҳоло давлатӣ пирӣ доранду маслиҳатгару раҳнамои хурду калони деҳаанд ва аз чеҳраашон нури маърифат меборад, тансиҳатии бардавом ва хушбахтии ҳамешагӣ таманно дорам.

*Сарвиноз ҲАМРОЕВА,*
*омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, Аълочии маорифи Тоҷикистон*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №00435 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2005 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ҳусейнова Давлатмо Шамсуллоевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №111111 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1985 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шаҳобова Робиямо додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А-№195942 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1993 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Назарова Саодат Файзуллоевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №132982, ки онро соли 1986 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Кадырова Гульбону Абдураҳимовна додааст, эътибор надорад.

Китоби ҳавлии гумшуда, ки тибқи шартномаи хариду фурӯши ҳиссаи хонаи истиқоматӣ аз 07.07.2007 №1Ш-694 ва шаҳодатномаи қонунигардонии молу мулк аз 31.10.2008, №1197 ба истиқоматкунандаи кӯчаи А. Мухторови ноҳияи Исмоили Сомонӣ Набиев Сироҷиддин Фазилович дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

Кормандони Вазорати маориф ва илми кишвар ба муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхолиқзода бинобар даргузашти нобаҳангоми **БОРОДАРАШ** андуҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикону пайвандони марҳум ҳамдардии амиқ баён мекунанд.

Аҳли қалами нашрияи «Омӯзгор» ба муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхолиқзода бинобар даргузашти нобаҳангоми **БОРОДАРАШ** андуҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардии амиқ менамоянд.

Дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Тоҷикистон — пешоҳанги ҳифзи пиряххо дар ҷаҳон» ҳамоиши илмӣ-назариявӣ доир шуд.

ТАВАҶҶУҲ

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!




**Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтарин маводи публитсистию адабӣ аз рӯйи жанрҳои мақола, очерк, лавҳа, ҳикоя ва эссе озмуни ҷумҳуриявии “Омӯзгори ман – ифтихори ман”-ро эълон менамояд.**

Ҳадаф аз баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Омӯзгори ман – ифтихори ман” татбиқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазорати маориф ва илм ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва инъикоси фаъолияти густардаву фидокоронаи онҳо буда, навиштаҳое ба озмун роҳ дода мешаванд, ки дар онҳо аз умумигӯӣ, баёни сатҳии тарҷимаи ҳоли омӯзгорон ва нақли хушку бебо특 худдорӣ шуда бошад. Ба навиштаҳое, ки муъҷазу муассиранд ва дорои забони шевою ҷозибанд, бартарӣ дода мешавад.

Инчунин, нигоштаҳо бояд инъикосгари таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат ба аҳли маориф бошанд, чеҳраи воқеии омӯзгор ва корномаи ӯро ба таври муассир бозгӯӣ кунанд, мавқею мартабаи шоистаи омӯзгорро дар ҷомеаи мо тасвир намоянд, навгонию эҷодкорӣ, хислатҳои ҳамидаи аҳли таълиму тарбия ва нақши онҳоро дар ҷомеа тавсиф бахшанд, аз таҷрибаи судманди омӯзгорон ҳикоят намоянд.

Иштирок дар озмун озод буда, хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон, шоирону нависандагон, рӯзноманигорон ва кормандони касбу кори гуногун метавонанд дар он иштирок намоянд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 10-уми сентябри соли 2024 идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи омӯзгорон ҷамъбаст мешавад.

Ғолибони озмунро тӯҳфаҳои зерин интизор аст:

**Ҷойи якум – 10 000 сомонӣ**
**Ҷойи дуюм – 7 000 сомонӣ**
**Ҷойи сеюм – 5 000 сомонӣ**

Ҳамчунин, 3 иштирокчии фаъол бо мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ ва дигар тӯҳфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

Навиштаҳо ба озмун набояд аз 4-5 саҳифаи чопи компютерӣ бо ҳуруфи 14 зиёд бошанд.

Навиштаҳое, ки ба озмун роҳ меёбанд, дар шакли китоби алоҳида чоп хоҳанд шуд.

Иштирокчиён метавонанд матолиби худро ба нишонии электронии ҳафтаномаи “Омӯзгор” – n.omuzgor@maorif.tj ё бевосита ба идораи ҳафтанома ирсол намоянд.

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126, бинои КВД “Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе”.**
**Телефон барои тамос: 225-81-57**

---

## Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

### барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:

**Дотсенти кафедра – 8 ҷой**
- адабиёти тоҷик-1ҷой
- журналистика - 1ҷой
- забони ҳозираи рус - 1ҷой
- илмҳои компютерӣ - 1ҷой
- таърих ва методикаи таълими таърих - 1ҷой
- психология - 1ҷой
- фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо -1ҷой
- адабиёти рус ва хориҷа бо МТЗАР - 1 ҷой

**Муаллими калони кафедра – 2 ҷой**
- молия ва қарз -1 ҷой
- таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ - 1 ҷой

**Номзадҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:**
- донистани қонун ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии МТОК;
- донистани асосҳои илми педагогика ва психология;
- кор кардан дар компютер ва шабакаи интернет;
- донистани ҳатмии забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;
- обилияти коммуникативӣ ва ташкилотчигӣ.

**Барои иштирок дар озмуни ишғоли вазифаи дотсенти кафедра пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин тақозо мешавад:**
- ариза ба номи ректори донишгоҳ оид ба иштирок дар озмун;
- варақаи шахсӣ;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (доштани собиқаи беш аз 5-солаи корӣ дар соҳаи маориф ва илм);
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дараҷаи илмӣ (номзади илм);
- рӯйхати маводи нашрӣ дар 3 соли охир;
- нусха аз ҷаласаи Шурои олимони факултет (барои кормандони донишгоҳ).

Ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун то 20.04.2024 қабул карда мешаванд.

**Нишонӣ: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кӯчаи С. Сафаров, 16, тел.: 2-35-06, 2-35-09, E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj**

---

## ДОНИСТАН ХУБ АСТ!

**Фароғат дар мактаби Чин**

Дар Хитой барои талабагон баъди наҳор дар синфхона бист дақиқа хоб кардан мумкин аст. Чунин тадбир барои дарсро бештар аз худ намудани талабагон роҳандозӣ шудааст. Масалан, бештари талабагони синфҳои поёнии мактабҳои музофоти Гоксин (ғарби Хитой) аз сабаби дурии манзил дар синфхона болои партаҳо дароз кашида истироҳат мекунанд. Баъзе хонандагон аз хона бо худ болишт ва болопӯш низ оварда, оромона муддати бист дақиқа хоб мекунанд.

**Аз Эйнштейн ҳам донотар**

Дар 11 – солагӣ Майкл Кирни худро дар Донишгоҳи Флорида номнавис кард, то ки илми иқтисодро аз худ намояд. Майкл дар яксолагӣ хонда метавонист, дар сесолагӣ чанд пйесаи Шекспирро азёд медонист, дар чорсолагиаш ҳамаи барномаҳои компютерро ба бозӣ медаровард. Коэффитсиенти интеллекти Майкл баробар ба I Q буд, аз Эйнштейн ҳамагӣ ба 173 мерасид. Аммо нобиғаи хурдсол бо хоксорӣ мегуфт: «Аз ҳама зиёд бо дигар бачаҳо бозӣ карданро дӯст медорам».

**Асрори қиматтарин мусаввара**

Бахт ба рӯйи рассом Ҷексон Поллок хандиду асари ӯ «Рақами 5, 1948» гаронарзиштарин мусаввара дар соли 2006 эътироф гардид. Он дар музояда ба маблағи 140 миллион доллар савдо шуд. Аҷибаш ин, ки Ҷексон дар тасвири ин мусаввара зиёд заҳмат накашида, каме рангро ба як пора чӯбсанге (фибролит) пош дода буд.

**Таҳсили шоҳзода ва муҳофизи ӯ**

Чарлз, ки аз шоҳзодаҳои машҳур эътироф шуда буд, ба Донишгоҳи Кембриҷ бо муҳофизаш мерафт. Аммо сабаби дар саҳифаҳои таърих мондани ин қисса тамоман чизи дигар аст. Барои диққати толибилмонро ба худ ҷалб накардан аз муҳофизи шоҳзода хоҳиш карданд, ки чун дигар донишҷӯён паси миз нишаста, лексияи устодонро шунавад ва дар раванди баҳсҳо ширкат варзад. Муҳофиз ба кори худ то он дараҷа ҷиддӣ муносибат кард, ки ҳангоми супоридани санҷишу имтиҳонҳо аз аксари бачаҳо ҳатто аз худи шоҳзода низ бештар хол гирифт. Ниҳоят, устодон маҷбур шуданд, ки ҳам ба валиаҳд ва ҳам ба муҳофизаш якбора диплом диҳанд.

---

## Муаммои «Наврӯз»



1. Иди байналмилалӣ. 2. Воситаи муошират. 3. Навъи ширинӣ. 4. Ҳодисаи табиат, ки бештар дар фасли баҳор рӯй медиҳад. 5. Гул. 6. Ҷирми осмонӣ. 7. Муродифи асал. 8. Навъи ширинӣ. 9. «***о, бори дигар хонаро пурнур кун» (Шамси Табрезӣ). 10. Фасли сол. 11. Асбоби мусиқӣ. 12. Асари Абдураҳмони Ҷомӣ. 13. Қаҳрамони филми «Ситораҳои сари танӯр». 14. Навъи гул, ки аз он атриёт тайёр мекунанд. 15. Муҳаммаси Сайидо. 16. Кӯҳе, ки гӯё Ҷамшед тахти сайёрро он ҷо гузошт ва Наврӯзро бори нахуст ҳамон ҷо ҷашн гирифтанд. 17. Асбоби мусиқии миллии тоҷикӣ. 18. Моеъи хушбӯй. 19. Сурх, сафед, кабуд. 20. Неъмати моддӣ. 21. Шахси ба дил наздик. 22. Исми умумии гулу гиёҳе, ки мерӯяд. 23. Нашриёт дар Тоҷикистон. 24. Ғизои асосии ҳамарӯзаи мардум. 25. Фатҳу кушоиш. 26. Шодӣ, хурсандӣ. 27. Шумораи миқдорӣ. 28. Миллат. 29. Шаҳр дар Ҷануби Тоҷикистон. 30. Маркази давлати Сомониён. 31. Он акси мороо нишон медиҳад. 32. Навъи харбуза. 33. Шакли дигари исми сипанд. 34. «Овози *** шунидан аз дур хуш аст». 35. Гул.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

---

ОМӮЗГОР
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

**МУАССИС**
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**И.В. САРМУҲАРРИР**
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ**
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

**МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ**
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Сухроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набиҷон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ӯҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплекси «Шарқи озод» ба табъ расид.
**Индекси обуна:** 68850.
**Адади нашр:** 43323 нусха

**Почтаи электронӣ:**
n.omuzgor@maorif.tj
**Сомонаи ҳафтанома:**
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: Ҳ. Ҳомид